# НАҚЛУ РИВОЯТҲО ДАР БОРАИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО АЗ МУРРАТИБОН

Абуалӣ ибни Сино аз ҷумлаи он мардони бузурги таърихист, ки ба шарофати қобилияти баланди илмиашон дар қатори намоёнтарин арбобони маданияти пешқадами ҷаҳон  меистанд. Эҷодиёти доманадори ин мутафаккири забардаст ҳанӯз дар овони барҳаёт буданаш донишмандони маъруфи Шаркро дар ҳайрат оварда  буд. Асарҳои илмии Сино баъдтар тамоми мамлакатҳои Ғарбро  тасхир кард ва то асри XV111 «Ал-қонун-фитибб»-и ӯ китоби асосии соҳаи тиб ба шумор мерафт.

Дар ҳақиқат, Сино дар бобати мардумро аз бемориҳои гуногун раҳонидан ва аз бахшҳои табиат ба манфиати мардум истифода кардан хизмати ниҳоят бузурге кардааст.

Бар замми ин ҳама  истеъдоду қобилият, ақлу заковати фавқулодда, Сино ба маънои пуррааш инсон буд. Бо раъиятпарварӣ ва адолатпешагӣ ном баровaрда буд.

Ҳамаи ин обрӯю эътибори ӯро дар назари мардум боло бардошта, барои ба вуҷуд омадани як силсила нақлу ривоятҳо дар бораи ӯ сабаб шудааст. Гуфтаи устод С. Айниро дар ин ҷо иқтибос кардан хеле бамаврид аст: «Шояд аз ҷиҳати аз одат берун олами бузург буданаш ва ба муносибати пешааш – табобат ба халқ наздик  буданаш  бошад, ки дар бораи Абӯали ибни  Сино дар миёни омма афсонаҳои бисёре паҳн шудааст».

Ин гуна афсонаю ривоятҳо, ки қисман дар замони  худи Ибни Сино ба вуҷуд омадаанд, дар байни халқҳои Осиёи Миёна васеъ паҳн гаштаанд. Онҳо инчунин дар байни мардуми кишварҳои дигари Шарқ – Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва ғайра хеле маъмул ва машҳуранд.

Як миқдори ин асарҳо дар тӯли солҳо бо ташаббус ва саъю кӯшиши шахсони ҷудогона, адибон, муаррихон ва фолкльоршиносон ҷамъ шуда, ба воситаи маҷмӯаю тазкираҳо ва асарҳои илмию адабӣ манзури хонандагон гардидаанд.

Ба муносибати  ҷашни мубораки Абӯали  ибни Сино мо Фонди дастхатҳои Шуъбаи фольклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистонро аз назар гузаронидем. Маълум шуд, ки дар ин Фонд дар зарфи ду се даҳсолаи охир таввасути экспедицияҳои  фольклорӣ ва дӯстдорони эҷодиёти даҳанакии халқ аз ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон ва маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон  нақлу ривоятҳое, ки бо номи Ибни Сино алоқаманд мебошанд, бисьёр ҷамъ омадаанд.

Китоби мазкур, ки нахустин маҷмӯаи нақлу ривоятҳо дар бораи Сино ба ҳисоб меравад, дар асоси материалҳои ҳамин Фонд  тартиб  ёфтааст. Дар маҷмӯа фақат ду ривоят профессор В. Асрорӣ ба табъ расонида (Жур. «Шарқи Сурх», 1952, рақами 8) илова шуд.

Материалҳои маҷмӯа нишон медиҳанд, ки онҳо аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷа  гуногунанд ва муҳимтарин ҷиҳатҳои  ҳаёт ва фаъолияти  Ибни Синоро фаро гирифтаанд. Ин аст, ки дар он асарҳо  гоҳ чун олим ва мутуфаккири забардаст, гоҳ чун табибу ҳакими мӯъҷизакор, гоҳ чун

кимьёгари мумтоз ва гоҳ чун табиатшиноси моҳир ва мутахассиси пурдони соҳаи астрономия тасвир ёфтани Ибни Сино ба мушоҳида мерасад.

Бино ба мазмуни ривоятҳо Ибни Сино шахсест, ки доимо ғами аз дарду ранҷ халос кардани мардумро мехўрад ва таъмини саломатии одамонро ў аз бузургтарин қарзҳои инсонии худ ҳисоб мекунад. Вай ҳамчун донишманди беназири илми тиб ва ҳакими ғамхору меҳрубон асрори табобатии чандин гиёҳҳоро кашф намуда, онҳоро барои рафъи бемориҳо тавсия кардааст. Хосиятиҳои бешумори заҳри мор, асал ва ҳазориспандро низ бори аввал Ибни Сино ошкор сохтааст. Ба ақидаи халқ хосияти шифобахши чои кўҳӣ ва пудинаро низ бори нахуст Сино муайян кардааст. Дар ривоятҳо инчунин қайд карда мешавад, ки аввалин касе, ки шуллукро барои аз бадан дур сохтани хуни мурдор тавсия кардааст, Ибни Сино мебошад.

Абўалӣ ибни Сино дар нақлу ривоятҳои халқӣ ба сифати як нафар рўҳшиноси соҳибистеъдод низ амал мекунад. Масалан, дар ривоятҳои «Дурўғи шифобахш», «Аҳсан», «Фарьёди судманд», «Ибни Сино ва подшоҳ» бо роҳу усулҳои гуногун касалиҳои рўҳию ҷисмониро табобат кардани Ибни Сино акс гардидааст.

Умуман, дар байни материалҳои ин маҷмўа нақлу ривоятҳое, ки дар хусуси табибию ҳакимии Абўалӣ ибни Сино баҳс мекунад, мавқеи намоёнро ишғол менамоянд. Сабаби ин дар он аст, ки Ибни Сино дар соҳаи тиб ва муолиҷаи ҳар гуна бемориҳо бештар фаъолият нишон додаст ва ў дар байни халқ ҳам, пеш аз ҳама, ҳамчун табиби ҳозиқ маъруф ва машҳур аст.

Дар ривоятҳои халқӣ тасвири сохаҳои дигари фаъолияти Ибни Сино низ ба назар мерасад. Чунончи, дар як қатор нақлу ривоятҳо педагоги асил, муаллими бузурги ахлоқ ва тарғиботчии Ибни Сино бахшида шудаанд ва дар онҳо дар бораи мактабхонӣ ва омўхтани илму дониш шуғл варзидани ў сухан ронда мешавад. Дар ривояти «Устод ва шогирд» бошад ба фаъолияти шоирии Ибни Сино ишора рафтааст.

Илова бар ин дар байни материалҳои мавҷуда «Саргузашти Ибни Сино ва Абусолӣ» ва «Сино ва илми симьё» барин баъзе ривоятҳое низ дучор меоянд, ки дар онҳо Абўалӣ ибни Сино ҳамчун соҳир амал мекунад. Албатта, ин ду ривоят (ба истиснои лаҳзаҳои қисми аввали ривояти якум) ба ҳаёт ва фаъолияти Ибни Сино ҳеҷ гуна муносибате надорад, зеро дар ягон ҷо дар бораи бо сеҳру соҳирӣ сарукор доштани Ибни Сино чизе гуфта нашудааст ва то кунун ягон далеле, ки ин масъаларо ақаллан андаке ба тасдиқ мерасонида бошад, дар даст надорем. Ба фикри мо, ба вуҷуд омадани ин навъ ривоятҳо низ бо масъалаи аз тарафи халқ ҳамчун як донишманди беназир тасаввур када шудани Ибни Сино алоқаманд аст. Ба ибораи дигар гўем, азбаски халқ аз дараҷаи баланди илму дониш ва қобилияти беандозаи Ибни Сино моту мафтун гардида буд, бовар доштааст, ки ин марди хирад аз асрори сеҳру соҳирӣ ҳам ба дараҷаи аъло огоҳ мебошад.

Ба ҳамин тариқ, халқ дар нақлу ривоятҳо дар тасвири шахсият ва ба вуҷуд овардани образи Сино аз тарафҳои гуногуни фаъолияти ў наздик шудааст. Образи Сино аз тарафҳои гуногуни фаъолияти ў наздик шудааст. Образи Сино, ки дар нақлу ривоятҳои халқӣ буньёд ёфтааст, образи

мукаммали бадеӣ буда, ақлу хирад ва азму иродаи инсони комилро дар худ таҷассум намудааст. Халқ бавоситаи тасвири ин образ дар баробари талқину ситоиш кардани фазилатҳои хуби инсонӣ – некию накӯкорӣ, дӯстию рафоқат, раиятпарварӣ, ҳақҷӯӣ, фурӯтанӣ, меҳнатдӯстӣ, некбинӣ, ҳимматбаландӣ, зиракӣ, дурандешӣ ва ҳоказо ҷоҳилӣ, бахилӣ ва кӯтоҳандешӣ барин хислатҳои зиштро ба зери танқид гирифтааст. Умуман, дар ривоятҳо талқини масъалаҳои муҳимтарини ахлоқ ва ифодаи ғояҳои хайр ва некиву накӯкорӣ мақоми махсусе дорад, ки ин гуна масъалаҳо ва ғояҳо бо масъалаю ғояҳои дар асарҳои доир ба ахлоқ навиштаи Ибни Сино хеле мувофиқат мекунад.

Нақлу ривоятҳое, ки дар ин маҷмӯа дохил шудаанд меҳрномаи халқ ба донишманди бузург ва олиму адиби Шарқ, ба яке аз барҷастатарин нобиғаҳои илму фарҳанги башар – шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино мебошад. Ин асарҳо, ки солҳои сол аз даҳон ба даҳон ва аз насл ба насл гузашта, то замони мо маҳфуз мондаанд, бешубҳа, як навъ зуҳуроти ҳисси қадршиносӣ, пос доштани ному хотири Ибни Сино ва қадр кардани хизматҳои шоистаи ӯ аз тарафи мардум донистан мумкин аст.

Ҳанӯз ҳамаи нақлу ривоятҳои оиди Ибни Сино пурра ба даст наомадаанд. Умед аст, ки ин кори хайрро фольклоршиносон минбаъд давом медиҳанд. Вале он ҳама нақлу ривоятҳое, ки то имрӯз ҷамъ шудаанду намунаҳои беҳтарини онҳо дар ин маҷмӯа истифода гардидаанд, барои тадқиқи фаъолияти доманадори Ибни Сино ва равшан кардани тарафҳои ноаёни зиндагии ӯ ба дараҷаи муайян ёрӣ мерасонад. Ин нақлу ривоятҳо инчунин дар бораи фикру ақида ва муносибати мардум нисбат ба ҷиҳатҳои ҷудогонаи ҳаёт, оила, одамон ва ғайра маълумоти муфид медиҳанд ва дар бобати шиносо шудан бо тарзи зиндагиаш ва ӯрфу одатҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ низ аз материалҳои судманд ба ҳисоб меравад.

Забон ва таҳрири нақлу ривоятҳои маҷмӯа яксон нестанд: агар як қисми онҳо ба забони адабӣ гуфта шуда бошанд, қисмати дигарашон омехтаи хусусиятҳои забони адабӣ ва баъзе ҷиҳатҳои шеваи ин ё он маҳаланд. Азбаски маҷмӯа ба доираи васеи хонандагон пешниҳод мешавад, забони матнҳое, ки хусусияти шеваро аз бар кардаанд, то ҳадди имкон ба забони адабӣ наздик карда шуд.

Дар маҷмӯа ривоятҳои «Абӯалӣ ва бемор» ва «Сино ва ҷавони дардманд» аз ҷиҳати мазмун якхелаанд. Бо вуҷуди ин он ду нусха ба сари худ асари мустақиланд ва аз ҳамдигар ба бисёр ҷиҳатҳо фарқ мекунанд. Бинобар ин, дар маҷмӯа дохил кардани ин ду нусхаро лозим донистем.

1

## УСУЛИ ХОС

Нақл мекунанд, ки боре зани давлатманде касал шудааст. Ӯро барои табобат ба назди Сино овардаанд. Сино, ки табиби зӯр будааст, аз рӯи одаташ хостааст, ки аввал беморро дида касалиашро муайян кунаду баъд ба ӯ чӣ

доруе , ки лозим бошад, ҳамон доруро фармояд. Аммо марди давлатманд, ки дар назди зани бемораш истода будааст, ба Сино рӯ оварда гуфтааст:

- Ман намехоҳам, ки шумо рӯи зани маро бинед ва ба ҳар ҷои бадани ӯ даст расонед. Оё намедонед, ки шариат табобати занонро ба мардон манъ кардааст. Агар шумо табиб бошед, давоятонро ба бемор аз рӯи гуфти мо таъин кардан гиред.

Сино дар ҷавоби он мард чизе нагуфтааст ва дидааст, ки ӯро розӣ кардан кори душор аст, роҳи дигарро пеш гирифтааст: вай ресмонеро ёфта як нӯгашро худаш доштаасту нӯги дигарашро ба шавҳари зан дода гуфтааст:

- Ин нӯги ресмонро ба бемор диҳед ва фармоед, ки бо дастонаш сахт дошта истад ва ман ба ҳамин восита касалии ӯро муайян хоҳам кард.

Мард бар хилофи фармуди Сино нӯги ресмонро худаш дошта истодааст. Сино шогирдашро ба наздаш ҷеғ зада гуфтааст

- Бирав, ба он мард бигӯ, ки нӯги ресмонро ба бемор диҳад.

2

## ҲАММОМИ «БИРЕЗ-БИРЕЗ»

Абӯалӣ Сино дар пиронсолӣ ба дарди бедавое мубтало шудааст. Ӯ ҳис кардааст, ки умраш ба охир расида истодааст. Бинобар ин вай чил рӯз дар таххона нишаста, аз ҳар хел гиёҳ чил шиша дору тайёр кардааст.

Баъд аз ин Ибни Сино яке аз шогирдони содиқашро, ки тамоми илму ҳунари ӯро аз худ карда будааст, ба наздаш ҷеғ зада гуфтааст:

- Агар ман мурам, ҷасадамро ба замбар андохта ба гармхонаи ҳаммом бару мон. Сонӣ ҳар рӯз аз болои ҷасадам як шиша аз ҳамин дору рехтан гир. Баъд аз чил рӯз ман баргашта зинда мешавам ва дигар намемурам. Он вақт туро ба мурод мерасонам, ту ҳам монанди ман табиби машҳур мешавӣ.

Пас аз чанд рӯз Абӯалӣ Сино вафот кардааст. Шогирди содиқ мурдаро ба замбар андохта, ба гармхонаи ҳаммом бурда мондааст ва ҳар рӯз аз он дору як шишаашро ба болои ҷасади устодаш рехтан гирифтааст.

Рӯзи сию нӯҳум ҷасади Абӯалӣ Сино овоз бароварда гуфтааст:

- Бирез! Бирез! Бирез!

Шогирд шишаи охирини доруро гирифта аз шодӣ ба гармхона мерафтааст, ки пояш лағжида, шишаи дору аз дасташ афтода шикастааст. Гӯё аз ҳамин сабаб Абӯалӣ Сино зинда нашуда мондааст.

Мегӯянд, ки ҳоло ҳам, агар одами поку нек ва раҳмдилу ростқавл аз назди вайронаи ҳаммом гузарад, садои «бирез-бирез!»-и ҷасади Абӯалӣ Синоро мешунидааст*.

3

## ДАВОИ ХУНИ МУРДОР ВА МАРАЗИ ГӮШ

Абӯалӣ ибни Сино баъди пир шуданаш сахт бемор шудааст. Вай пеш аз мурданаш давои ҳар як дардро ба шогирдонаш нишон додаасту аммо фақат давои хуни мурдору маразӣ гӯшро ҳанӯз нагуфта, аз забон мондааст.

Рӯзе Абӯалӣ ибни Сино шогирдонашро ба назди худ хоста, бо дасташ ба тарафи як қоғазпора ишора кардан гирифтааст. Шогирдон қоғазпораро

гирифта дидаанд, ки дар рӯи он ин хел навишта шудааст: «Дар осмон занбӯру дар замин шуллук». Инро хонда шогирдон фаҳмидаанд, ки шуллук ба хуни мурдору асал ба маразм гӯш даво будааст.

4

## АҲСАН

Подшоҳеро дар гулӯяш устухон банд мемонад. Ҳеҷ табибе ӯро наҷот дода наметавонад. Абӯалиро меоранд. Абӯалӣ подшоҳро дида мегӯяд:

- Роҳи табобати шумо ҳамин, ки писаратонро мекушему барои шумо дору тайёр мекунем.

Подшоҳ аввал розӣ намешавад, вале баъди фикри дуру дароз ноилоҷ розӣ мешавад. Абӯалӣ писари подшоҳро дар назди падараш дасту по баста мехобонад ва корди қассобӣ ба даст мегирад.

Подшоҳ ин манзараро дида рӯй ба тарафи дигар мегардонад ва Абӯалӣ гӯсфанди пешакӣ таъинкардаашро дар ҳамин лаҳза сар мебурад ва подшоҳ фишшаси хунрезии гӯсфандро шунида оҳу фиғони сахте мекашад ва аз аҳасти пурдарди ӯ устухон аз гулӯяш хато шуда, ба берун меафтад. Аз ҷояш подшоҳ мехезад ва Абӯалӣ зуд писари соҳу саломаташро ба ӯ нишон медиҳаду подшоҳ ба табибии Абӯалӣ аҳсан мехонад ва ӯро инъоми зиёд медиҳад.

5

## ҲУЛБӮЙ

Абӯалӣ Сино табиб будааст. Вай ҳамаи табибиҳоро аз ӯҳдааш мебаромадааст. Як вақт писари худаш касал шудааст. Ибни Сино ҳамаи дорую дармонро кардааст, аммо бемор сиҳат нашудааст. Ниҳоят писараш вафот кардааст. Баъд аз он Сино шиками писарашро кафонда, аз пеши ҷигар халтачаи заҳрро гирифтааст дидааст, ки дар халтача як чизи санг барин сахте ҳаст. «Ин чӣ бошад?» гуфта, халтачаро гирифта, ба лаби об рафтааст ва онро ба болои ҳулбӯй монда, дасти худро шустааст.

Дасташро шуста, омада дидааст, ки ҳамон санги халтачаи захр будагӣ об шуда рафтааст. Баъд аз он Сино ба дилаш гузарондааст, ки: «Давои санги дар халтачаи захр будагӣ ҳулбӯй будааст, агар инро мефаҳмидам, фарзандамро аз чанголи марг халос мекардам».

6

## ДАВОИ ДАРДИ ИШҚ

Ҷавоне сахт бемор мешавад. Ягон табиб ӯро сиҳат карда наметавонад. Абӯалиро меоранд. Ӯ мефармояд, ки:

- Мардеро биёред, ки номи ҳамаи деҳаҳои гирду атрофро донад.

Он мардро меоранд. Абӯалӣ набзи беморро медораду ба он мард мефармояд, ки номи ҳамаи деҳаҳоро якто – якто номбар кунад.

Мард деҳаҳоро якто – якто номбар мекунад ва дар вақти ном бурдани яке аз деҳаҳо набзи бемор аз муқаррариаш тезтар мезанад.

Абӯалӣ мегӯяд, ки:

- Акнун шахсеро биёред, ки тамоми хонаҳои он деҳ ва соҳибонашро якто-якто номбар кунад.

Чунин шахсеро ҳам меоранд ва Абӯалӣ боз набзи ҷавонро дошта, он мардро мефармояд, ки соҳибони хонаҳои он деҳро номбар кардан гирад. Ҳини номбар кардани яке аз хонаҳои деҳ бемор беҳуш мешавад.

Абӯалӣ мегӯяд:

-Соҳиби он ҳавлӣ духтаре дорад. Он духтарро ин ҷавон дӯст медорад, онҳоро зуд никоҳ бандед.

Онҳоро никоҳ мебанданд. Ҳамин тавр он ҷавон аз марг наҷот меёбад.

7

## ДУРӮҒИ ШИФОБАХШ

Абӯалӣ Сино табиб ва олими доно будааст. Ӯ ба ҳамаи дарду касалиҳо даво ёфта метавонистааст. Ба назди ӯ аз ҳар куҷо беморон омада, ба дардашон шифо мееёфтаанд.

Рӯзе дар қатори дигар беморон ба назди Абӯалӣ Сино як ҷавон низ барои муолиҷа омадааст. Абӯалӣ Сино ба ҷавон як нигоҳ кардаасту чизе нагуфта ба пеши бемори дигар гузашта рафтааст. Ҷавон гумон кардааст, ки касалии ӯ бедавост. Вай хафа шуда ба хонааш рафатааст. Абӯалӣ Сино ба гӯши яке аз шогирдонаш чизе гуфта, ӯро пинҳонӣ аз дунболи ҷавон фиристодааст.

Ҷавони бемор аз хонааш арғамчинро гирифта ба боғ баромадааст. Баъд ба ин тараф, ба он тараф нигоҳ кардаасту арғамчинро ба шохи дарахт партофта, худашро овехтан хостааст.

Шогирди Абӯалӣ Сино, ки дар паси буттае рафтори беморро мушоҳида мекардааст, Давида рафта бандро буридаасту беморро аз марг халос карда гуфтааст:

- Абӯалӣ Сино гуфтанд, ки шумо дигар назди он кас наравед, чунки шумо ҳеҷ гуна касалӣ надоред.

Бемор аз шунидани ин суханон якбора шод гаштааст ва аз касалии рӯҳӣ, ки чанд вакт боз гирифтор будааст, халос шудааст.

Баъд Абӯалӣ Сино ба шогирдаш фаҳмондааст:

- Ин гуна беморонро маҷбур кардан лозим аст, ки бар қасди хоҳишашон амал кунанд ва дар ҳолати ғамгинию рӯҳафтодагиашон якбора шод шаванд.

8

## ФАРЬЁДИ СУДМАНД

Ривоят мекунанд, ки Абӯалӣ Сино ҳафтае як маротиба дар сари кӯча беморонро медидааст. Як рӯз Абӯалӣ Сино ба назди як бемор рафта, ба рӯи ӯ бодиққат нигоҳ кардааст ва якбора дод зада гуфтааст:

- Ҳой, шогирдон, биёед, ки ман қотили падарамро дарёфтам!

Шогирдон тозон омадаанд ва беморро кашола карда ба ҳавлӣ даровардаанд. Баъд бо ишораи Абӯалӣ Сино ӯро аз ду пояш ба забаррави саисхона овехтаанд. Абӯалӣ Сино бошад, як корди калони тезро ба даст гирифта назди бемор омадааст ва ба ӯ гуфтааст:

- Ман кай боз туро ҷустуҷӯ мекардам, аммо намеёфтам. Хуб шуд, ки имрӯз туро дар назди худ мебинам. Падарам дар вақти ҷон доданаш гуфта буд, ки қотили ӯ дар пешонааш холи калон дорад ва гӯши росташ захмӣ мебошад. Ҳоло ман аломатҳоро дар ту мебинам. Ман интиқоми падарамро аз ту бояд ситонам.

Бемор ба зорию илтиҷо даромадааст ва гирья карда гуфтааст:

- Ман гуноҳ надорам ва ҳеҷ касро накуштаам.

Абӯалӣ Сино:

- Ман туро зинда ба зинда пӯст меканам, - гуфта кордро ба шиками бемор расонидааст.

Бемор сахт тарсида бо тамоми қувва фарёд задаст ва аз шиддати тарсу фарьёд аз даҳони ӯ як чизи лӯнда парида ба замин афтидааст.

Абӯалӣ Сино давида рафта он чизро ба даст гирифта гуфтааст:

- Иллати дарди ту ана ҳамин буд. Акнун рафта хурсандӣ кун, ки аз дард халос шудӣ.

Бемор аз Абӯалӣ Сино миннатдор шуда, сиҳату саломат ба хонааш баргаштааст.

9

## ДУДИ ҲАЗОРИСПАНД

Як вақтҳо дар тамоми шаҳри Бухоро касалии вабо паҳн мешавад. Муромурӣ бисьёр авҷ мегирад. Одамон ҳама ҳайрон, чӣ кор карданашонро намедонанд. Баъзеҳо Бухороро тарк карда, бо молу ҳолашон ба шаҳрҳои дигар кӯчида мераванд, баъзеҳо ба тақдирашон тан дода, «ҳарчӣ шавем, шавем» гуфта, дар хонаҳошон мемонанд. Подшоҳи Бухоро барои пеши ин касалиро гирифтан ҳамаи уламою донишмандони мамлакатро ҷамъ карда, ба онҳо супориш медиҳад, ки илоҷи аз ин бало халос кардани мардумро ёбанд. Аммо ҳеҷ кас дар ин бобат ҳеҷ кор карда наметавонад. Иттифоқо ба подшоҳ хабар медиҳанд, ки кадом як кунҷи шаҳр Абӯалӣ гуфтагӣ як табиби ҷавон ҳасту агар тавонад, илоҷи ин хел касалиро фақат ҳамон кас ёфта метавонад. Одам монда Абӯалиро ба пеши подшоҳ гирифта меоянд. Подшоҳ Абӯалиро дида аввал назараш намегирад, баъд дилу бедилон мегӯяд:

- Агар дар ҳақиқат табиб бошед, ягон ҷораи ҳамин касалиро бинед.

Абӯалӣ «хуб» мегӯяд ва хоҳиш мекунад, ки барои ӯ ҳазориспанди бисьёре ҷамъ карда биёранд. Бо фармони подшоҳ хоҳиши Абӯалӣ зуд иҷро мегардад. Абӯалӣ ҳазориспандро дар мобайни шаҳр ғун карда, онро дуд мекунонад. Дуд тамоми шаҳрро фаро мегирад. Ҳама ҷо сип-сиёҳ дуд, ҳама ҷо бӯи ҳазориспанд, аз бисьёрии дуд чашм кушода як қадам пеш монда намешавад. Баъд аз ин ҳодиса ба одамони касал оҳиста-оҳиста ҷон медарояду касалӣ аз шаҳр барҳам мехӯрад. Подшоҳ ба доногии Абӯалӣ қоил шуда, ба ӯ пулу чизи бисьёр медиҳад ва офарин мегӯяд. Аз ин кори Абӯалӣ одамон мефаҳманд, ки ҳазориспанд ба касалии вабо даво будааст.

10

## УЗР

Мегӯянд, ки Абӯалӣ ибни Сино табиби хеле машҳур гузаштагӣ будааст. Ӯ нафақат дар шаҳри худаш, балки дар мамлакатҳои дигар ҳам деҳа ба деҳа гашта, беваю бечорагонро бемузу беминнат табобат мекардааст.

Як рӯз вай барои дам гирифтан ба кӯча баромадааст. Дар вақти аз назди як ҳавлӣ гузаштан дидааст, ки дар сари як касал одами бисьёр ҷамъ шуда, ҳаёҳуй карда истодааст. Абӯалӣ Сино ин ҳодисаро дида, ҳайрон шудааст ва за дилаш гузарондааст, ки чаро мардум дар болои одами касал ғавғо мекунанд? Охир ӯ тоқат карда натавониста, ба он хона даромадааст. Домуллоҳо ин одами ношиносро дида амр кардаанд, ки ӯ аз он ҷо зуд баромада равад. Сино ба гапи онҳо гӯш надодааст ва хоҳиш карадааст, ки ба ӯ касалро нишон диҳанд. Домуллоҳо ба вай гуфтаанд:

- Ҳозир чильёсин кардем, агар ба шумо нишон диҳем, ҷину аҷинаи вай ба ҷонат зарар мерасонанд.

Яке аз одамон гуфтааст:

- Майлаш, монед, канӣ бинем, ин одам чӣ кор мекунад?

Абӯалӣ Сино касалро дида, ба ӯ дору додаст. Баъди доруро хӯрдан касал камтар ором шуда, сарашро аз болишт бардошта, ба домуллоҳо гуфтааст:

- Ҷину аҷина худи шумо будаед. «сиҳат мекунем» гуфта, одамро мекуштаетон-ку!

Ҳама ҳайрон монданд, ки касали ҳеҷ гап зада наметавонистагӣ, ба гап даромад. Яке аз одамҳо Абӯалӣ Синоро шинохта, кӣ будани ӯро ба мардум фаҳмондааст. Баъд одамон ба Абӯалӣ Сино саҷда карда, аз ӯ узр хостаанд.

## 11
## ИБНИ СИНО ВА ПОДШОҲ

Рӯзе аз рӯзҳо подшоҳе касал шуд. Ба дарди бисьёр бад гирифтор шуд. Абӯалӣ Сино дар кадом мамлакат шунид, ки подшоҳи шиносаш касал шудааст. Нону намакхӯрда, ки буд, омад. Омад, дид, як дарде, ки на по кор мекунад, на даст. Дар тахт як халта барин хоб мекунад.

Подшоҳ гуфт, ки:

- Э, буродар, Абӯалӣ Сино, ту бародари манӣ. Ман ба ҳамин дар гирифтор шудам. Ягон роҳи табобати касалии ман ҳаст ё не?

Абӯалӣ Синод диду гуфт, ки:

- Табобати ин дард осон, ҳеҷ гап не.

- Осон? Дар дуньё на табиб монд, на бало монд, на бадтар, сиҳат нашудам! – гуфт подшоҳ.

- Хайр, мешавад-дия, зиндагӣ-дия. Мана пагаҳ саб-сиҳат мешавӣ, - гуфт Абӯалӣ Сино.

Подшоҳ ҳайрон шуду гуфт, ки:

- Чи бояд кард?

- Ба халқ эълон кунанд, ки, - гуфт Абӯалӣ, - ба ҳаммом пагоҳ ҳеҷ кас наравад.

Подшоҳ гуфт, ки:

- Хуб!

Ба ҳаммом ҳеҷ кас нарафту Абӯалӣ Сино фармуд, ки подшоҳро ба замбар андохта ба ҳаммом баранд. Гирифта бурданду ҳаммомро гарм карданд. Абӯалӣ Сино ҳам дорую давои вайро тайёр карда, ба ҳаммом бурд. Баъд одамҳоро фармуд, ки:

- Дароетон, подшоҳро дар байни ҳаммом монетону дарро маҳкам кунетон. Якта аспи нағзи погайҳчиро зину авзол карда, ба дари ҳаммом бурда монетон.

Аспи пойгаҳчиро ҳам ба дари ҳаммом оварда бастанд. Абӯалӣ Сино подшоҳро ба ҳаммом дароварду дарро маҳкам карду дид, ки ҳаммом гарм.

- Канӣ, домулло, хеста як ин сӯ-он сӯ гардед, - гуфт ба подшоҳ.

- Шумо ғалатӣ гап мезанед-а! ман агар гашта метавонистам, шуморо даъват мекардам-мӣ? – гуфт подшоҳ.

- Хез, ин ҷо ҷои подшоҳӣ не! – гуфту ба дасташ як даста химчаи хорро гирифта, кашидаю кушода, ба тахтапушти подшоҳ чунон зад, ки куртааш тит-тит шуд.

- Э, дар гӯри дадет туя, - гуфта, ҳайбат кард подшоҳ.

Ғазаби подшоҳ омад, дар ҷаҳл шуд. Аз як тараф гармии ҳаммом таъсир карда, рагу пайвандҳо кушода шудан гирифтанд.

Бо яктаи дигар заду:

- Хез, ин сӯ-он сӯ қадам мон! Ин ҷой ҷои подшоҳи не! – гуфту боз якта зад.

Қаҳри подшоҳ омад, хеста каллаи Абӯалӣ Синоро гирам мегӯяду илоҷаш не.

Абӯалӣ Сино дид, ки аз ғояти қаҳру ғазаб ҳамаи рагу пайвандҳои подшоҳ кушода шуданд. Подшоҳ аз ҷояш хеста ду-се қадам монд. Абӯалӣ дарро кушод, боз маҳкам пӯшиду ҳамон аспи бузтозро сувор шуда, ҳай кард-дияе!

Подшоҳбо ҳамон қаҳру ғазаб тӯппа-тӯғри ба идорааш рафту гуфт, ки:

-Эй аспро савор шавед, падарнаълатро даст гиред, дар гӯри дадои ин Абӯалӣ Сино фалону беҳмадон, манро қариб кушта буд-ку! Вай маро сиҳат намекардааст, вай маро мекушатааст!

Вазирҳо гуфтанд, ки:

-Ҳой, тавба кунед, аз ҳамон ҳаммом худатон омадуд ё ягон кас пуштора карда омад?

- Худам омадам.

- Э, тавба кунед-е! Дардатон ҳам бад будаасту давояш ҳам бад, тавба кунед!

Подшоҳ, дар ҳақиқат фикр карду фаҳмид, ки аз ҳаммом худаш омад, охир ҷунбида наметавонист. Баъд қаҳраш паст шуда, мулоим шуду гуфт, ки:

- Рафта азоб надода, ба асп савор карда биёретон!

Ду одам пешакӣ рафтанду аз ким-куҷо, даҳ чақрим-мӣ, бист чақрим-мӣ, сӣ чақрим-мӣ, Абӯалӣ Синоро дастгир карда дасташро бастанд, пояшро бастанд, дар рӯи асп одамкуш барин гирфта оварданд.

«Ҳай дареғ, инҳо маро ягон кор мекунанд» -гуфт дар дилаш Абӯалӣ Сино.

Баъд як кас аспро обу арақ кунонду рафту гуфт, ки:

- Э, кушоед дасту пои Абўалӣ Синоро.

Абўалӣ Сино гуфт, ки: «Хайрият, ягон кас некӣ кардааст».

Кушоданд. То Абўалӣ Синоро овардан вазирҳо боз ба подшоҳ фаҳмонда доданд:

- Бародар, ту аз ин ҷаҳлат гард! Дардат ҳам бад будааст, давош ҳам бад. Агар ҳамин тавр намекард, ту сиҳат намешудӣ! Чанд сол ту хоб кардӣ, ҳамин қадар, ки табобат карданд, ба болои курпаи нозу пари қу хобонданд, ту сиҳат нашудӣ!

Подшоҳ аз корҳои кардагиаш пушаймон шуду Абўалӣ Синоро оварданд. Подшоҳ аз ҷояш хесту даҳани дар рафта, бо лабу даҳани пурханда Абўалиро ошноӣ карда овард, ба паҳлўяш шинонд.

- Буродар, - гуфт, - акнун ҳамин коре, ки ман кардам, аз рўи ҷаҳлу ғазабу хашм буд, ту ин гуноҳро мегузарӣ. Ман ҳам гуноҳи туро гузаштам. Ана ин калиди хазина, ана ин шаҳр, гиру хўру гард.

Абўалӣ Сино гуфт:

- Буродар, сиҳат шудӣ?

- Сиҳат шудам.

- Думи манро дигар нагир.

- Не, - гуфт подшоҳ, - ман туро намемонам. Ман як беақлӣ кардам, гуноҳамро мегузарӣ, лекин туро намемонам!

- Не, - гуфт Абўалӣ, - думи манро нагир. Ман одами сайёра, ба куҷое хизмат кунам, ба куҷое кор кунам, ба куҷое кайф кунам, ихтиёрам.

Подшоҳ гуфт:

- Не, намемонам.

Баъд Абўалӣ Сино гуфт, ки:

- Э буродар, ҳама ҷо ба ҷо шинанд, ман як ҳикоят мекунам, агар ба шумоҳон маъқул шавад, гўетон «маъқул», маъқул нашавад, гўетон «номаъқул».

Баъд гуфтанд, ки:

- Канӣ, ҳикоятро сар кун!

Абўалӣ Сино ҳикоятро сар мекунад:

- Як марди камбағал буду ҳеҷ рўзаш беҳ намешуд. Аммо дар дари хонааш як мор хона дошт. Як рўз ба худаш фикр кард, ки: «Ҳамин шири модаговро ба бозор барам, фурўшаму ягон чиз харам, биёрам, зиндагӣ кунам».

Ҳамин говро ҷўшиду ширро дар хурма гирифту ба бозор бурд. Ширро тифоқан ҳеҷ ки нахарид. Марди камбағал маъюс шуду бозгашт кард. Дар роҳи хонааш як ғор буд. Дар рў ба рўи ҳамон ғор хурмаро монду таҳоратшиканӣ шишт. Аз ҷояш хесту дид, ки аз даруни ғор як мор баромад, омад, ҳамон ширро хўрду монду рафт. Ин мард саросема нашуда боз озмуду гуфт, ки: «Аҷаб мор будаст-а?» Ҳамон мор рафту дар даҳанаш дута тиллоро оварду даруни хурма партофт. Ду тиллоро мард гирифту аҳволаш нағз шуд. Камбағал хурсанд шуд, «аҷаб ҷояшро ёфтам» гуфт. Қиса кўтаҳ, ҳаррўз, ба касе нафаҳмонда, шири ҷўшидаашро бурда дар ҳамон ҷо мемонд, мор

мехўрду ду тилло меоварду ба хурма мепартофт. Ҳамин қатӣ ин таҳхона кард, болохона кард.

Ў як писари оқипадар дошт, аз омадани давлат хабар надорад. «Ин падари ман аз кучо меёбад» - мегўяд. Охир, тоқат карда натавонист, як пагоҳ барвақт хесту омад пеши падараш,чорзону карда шишту шамшерро аз миёнаш кашиду ба пеши падараш партофта гуфт:

- Эй падар, ҳамин давлати ёфтагиро мегўӣ аз куҷо? Агар намегўӣ, бо ҳамин шамшер мезанам, калаат мепарад!

Марди камбағал гуфт: «Оббо, кор ганда шуд. Чӣ кор кунам? Агар ба ин гўям, ин як бачаи аҳмақи намешудагӣ, морро мехўсонад. Агар нагўям, манро мекушад. Гашта фикр карда фикр карда гуфт:

- Писарам, ту хўрданатро дону пўшиданатро дону аз куҷо омадани давлатро напурс. Агар пурсӣ, ҳам ту хафа мешавию ҳам ман.

- Не, падар, гапамро ду накун, - гуфт бача.

Баъд дид, ки намешавад, камбағал гуфт, ки мана масъала ҳамин.

Ин гапро бача фаҳмиду гуфт:

- Набошад, ин пагоҳӣ ширро ман мебарам.

Камбағал бисьёр хафа шуд, гуфт, ки: «Ин морро хурсанд мекунад ё хафа мекунад». Ин оқипадар ҳама вақт дар миёнаш шамшер дошт. Ширро бурду дар ҳамон ҷои муқаррарии камбағал мемондагӣ монду гашта омада камтар поида истод. Мори бечора ақидаи ҳаррўза карда, баромад, ширро хўрда акнун ба тилло мерафт, ки бача тоқат карда натаваониста гуфт:

- Широ бепул хўрдӣ, пул напартофта меравӣ?

Қаҳру ғазабаш омад бачаро, хуни бачагӣ дар ҷўш омад, шамшерро кашиду зад, як ваҷаб думи мор бурида шуда ғалтиду мор ба даруни ғор даромад. Мор ба худаш фикр кард, ки: «Во аҷабо, ин чӣ хел ноҷинс буд, ки манро ин тавр кард? Тоқат накард, ки ман ҳаққашро диҳам».

Мор аз ғор баромад, рўи бача ба тарафи хона буд, ки бо тамоми қувваташ заҳр зад, бача ғалтиду дар ҳамон ҷо сип-сиёҳ шуда мурд.

Марди камбағал фикр кард: «Аз мўлҷар гузашту барои чӣ дараки Писарам не?» тарафи ғор рафт. Омад, дид, ки бача рўяш ба тарафи хонаю мурда мондааст. Хурмаро дид, ки холӣ истодаасту думи мор як ваҷаб буридагию сари мор ба тарафи ғор. Марди камбағал фикр кард: «Барои чӣ ин тавр шудааст. Ҳамин мор аз хона баромадааст, омадааст, ширро хўрдааст, вақти акнун «тилло мебиёрам» гуфта ба тарафи хонааш рафтан ин «чизе надод» гуфта ҷаҳли бачагӣ ғолибӣ кардааст, задаст, думи мор бурида шудааст. Аммо мор сиҳат ба хона даромадааст. Аз кори кардагии бача хашмнок шуда, таоми қувваташро ҷамъ карда вақти бача хурмаро гирифта ба тарафи хона рафтан заҳр задаст, бача мурдааст. Ин айби мор несту бачаи худам». Мард чунин хулоса бароварду фарёд кард:

-Ҳой, морҷўра, баро! Мо  ҷўраи қадима, ман хафа намешавам.

Мор боз дам назад. Сеюм бор ҷеғ зада буд, ки мор баромад. Гуфт, ки:

- Ту барои чӣ хафа шудӣ?

Мор гуфт, ки:

- Ту худат барои чӣ наомада, ҳамин бачаро фиристодӣ?

Камбағал гуфтугӯи писарашу худашро ба мор гуфт, ки мор ҳам қаноатбахш шуд. Марди камбағал гуфт, ки:

- Буродар, ту акнун думи буридаатро ба хотир набиёр, ман бачаи мурдагиамро. Мо мисли пештара дӯстӣ кардан мегирем. Мор гуфт, ки:

- Не, аз ҳамин рӯз бутун буродариро мебурем.

- Сабаб?

- Сабаб ҳамин, ки агар ман даруни ғор будагӣ тиллоро бароварда ба ту диҳам ҳам, ҳамин заҳр зада бачаатро куштагиам аз дилат намеравад. Дар мавридаш дар дилат мегӯӣ, ки «ту ҳамон падарнаълат нестӣ, ки бачаи маро заҳр зада кушта будӣ?». Ту агар даҳта гови ҷӯшоӣ гирию ширашро ман хӯрам, ба якаш не, ба якаш ба дилам меояд, ки: «Ту ҳамон падарлаънат нестӣ, ки бачаат думи манро бурида буд?». Ин ду гап то зинда будани тую ман аз диламон намеравад. Аз ҳамин рӯз паноҳи ту ҳам ба худо, паноҳи ман ҳам ба худо.

- Э, буродар, вазирҳо, - гуфт Абӯалӣ Сино, - агар ҳамин подшоҳ калиди хазинаашро диҳад, тамоми хазинаро ман барбод кунам, як рӯз не, як рӯз ба дилаш мебиёд, ки «Ту ҳамон падарлаънат нестӣ, ки дар даруни ҳаммом маро ба химчаи хордор зада будӣ?». Ба дили ман мебиёяд, ки: «Ту ҳамон подшоҳ нестӣ, ки аз пасам ду касро фиристода «ӯро баста биёр, мекушам» гуфта будӣ? Буродар, ин ду гап аз дили мою ту намеравад. Ин гапам маъқул ё номаъқул?

Подшоҳ гуфт:

- Маъқул, ин то мурдан аз дил намеравад.

- Ҳамин хел, ки бошад, - гуфт Абӯалӣ Сино, - буродар, паноҳат ба худо. Агар ягон касал – пасал шудӣ, манро хабар куну аммо умед накун, ки ман меистам.

Бо ҳамин Абӯалӣ Сино хест, аспашро савор шуд, аз пушти кори худаш рафт.

12

## АБУАЛӢ ВА БЕМОР

Абӯалӣ Сино ба табибӣ ном баровардагӣ буд. Ҳар рӯз ба назди ӯ одамони бисьёр барои табобат меомаданд. Ҳамаи онҳо қатор менишастанд ва Абӯалӣ ҳар кадомро дида, касалашро мегуфт ва табобаташро ҳам нишон медод. Як рӯз вай аз ҷумлаи беморон як касро намебинад ва ба ӯ чизе намегӯяд. Он бемор бо димоғи сӯхта ба хонааш меояду ба занаш мегӯяд:

- Умри ман ба охир расидааст, ҳатто Абӯалӣ ҳам ба ман чизе нагуфт.

Бемор дар ҳуҷрааш парӯ зада, бо табъи хира мехобид. Як вақте бедор мешавад, ки бисьёр ташна мондааст. Дар зарфе шир меёбад ва онро гирифта менӯшад. То бегоҳ аҳволи ӯ беҳ  мешавад ва то рӯзи дигар  сиҳат меёбад. Ҳафтаи дигар ӯ боз ҳамроҳи беморон ба назди Абӯалӣ Сино меравад. Абӯалӣ Сино боз аз хона берун шуда, беморонро дида, ба ҳар кадоми онҳо табобат мефармояд. Ин бемор ба Абӯалӣ рӯй оварда мегӯяд:

- Маро  табобат нафармудед, дидед, ман сиҳат ёфтам.

Абўалӣ дар ҷавоб мегўяд:

- Дуруст аст, касалии туро заҳри мор дуруст мекард, чун ёфтани он мушкил буд, ман чизе нагуфтам. Ту дар хонаат шир хўрдӣ ва дар он шир мор заҳрашро қайд карда буд, бинобар ин сиҳат ёфтӣ.

Бемор ба дониши Абўалӣ аҳсан мехонад.

13

## СИНО ВА ҶАВОНИ ДАРДМАНД

Пас аз Луқмони Ҳаким Абўалӣ ибни Сино ном табиб гузаштааст. Вай дар давраи бачагиаш рамапоӣ карда мегаштааст.

Дар ҳамон давраи бачагии Абўалӣ ибни Сино ду ўламои забардаст будааст. Онҳо мактабҳои калон-калонро бо азобу машаққат хонда, олими зўр шудаанд. Як рўз онҳо нишаста ба ҳамдигарашон гуфтаанд, ки «Моён азоб кашида мактабро тамом кардем, акнун мехоҳем, ки бе азобу машаққат аз рўи илму ҳикматамон баҳузўр зиндагонӣ карда гардем». Бо ҳамин мақсад як рўз дар роҳ мерафтанд, ки аз пешашон як одами мўйсафед баромадааст. Баъди салому алек мўйсафед гуфтааст:

- Сафар ба хайр бачаҳо?

Онҳо гуфтаанд:

- Мо мактабҳои замони ҳозираро бо азоб хонда тамом кардем, акнун мехоҳем, ки аз рўи илму ҳикматамон кор карда, осуда умр ба сар бурда гардем.

Баъд ин мўйсафед гуфтааст, ки:

- Шумоён ба фалон ҷо меравед, дар як дашт як кўҳ ҳаст, дар паси кўҳ як дашт, дар пеши дашт як ғор ҳаст. Ба ҳамон ғор даромада чил рўз чилла мешинед. Баъди чил рўз аз даруни ғор як мори зард мебарояд. Морро баромадан баробар дошта, сарашро мебуреду ба дег андохта ҷўшонда мехўред, он вақт ҳамаи гуфтаҳоятон иҷро мешавад.

Баъд аз ин он ду нафар бисьёр роҳ гашта ҳамон ғорро ёфтаанду ба даруни ғор даромада, дар он ҷо чил рўз чилла шиштаанд. Пас аз чил рўзи чилла дар соати гуфтагиаш аз даруни ғор як мори зарди бадҳайбат пайдо шудааст. Он ду кас якбора ба мор ҳуҷўм карда, онро кушта гирифтаанду даррав ба дег андохта алов кардаанд. Аммо вақти пазам-напазами мор он ду касро алов суст кардаасту хоби ҳардуяшон ҳам бурда мондааст. Як маҳал Абўалӣ ибни Сино рамаро ҳай карда омада истода будааст, ки нохост чашмаш ба даруни ғор афтодааст. Вай зеҳн монда дидааст, ки дар даруни ғор ду кас хобу дар наздашон оташ милт-милт мекунад. Абўалӣ ибни Сино оҳиста-оҳиста боз даруntar даромада, дидааст, ки дар дег як ҳасиб барин чиз ҷўшида истодааст. Вай оҳиста дегоро бардоштаасту аз ғор берун баромадааст. Баъд аз оби шўрбо як чумча хўрдааст, ки ақлу ҳушаш тамоман дигар шудааст. Ибни Сино оби боқимондаи шўрборо ҳам пок-покиза хурдааст. Пас аз ин Сино чӣ будани дуньёро фаҳмидааст. Вай донистааст, ки замин чӣ хел осмон чӣ хел, ситора чӣ хел, хок чӣ хел, гиёҳ чӣ хел ва ғайра.

Аз ҳамин ҷо хеста рамаҳоро ба соҳибаш супоридаасту рост ба Бухоро омадааст. Ба Бухоро омадаасту як камтар дар ҳамин ҷо хондааст-мӣ, нахондааст-мӣ, духтури калон шудааст. Духтури калон шуда касалхона ташкил карда, тамоми чӯлоқӯ тамоми калу шалро сиҳат кардан гирифтааст. Кадом дарде, ки набошад дору дода сиҳат мекардааст. Оҳиста-оҳиста дар рӯи дуньё машҳур шудааст. Дар ҳамин вақт як бача аз Тошканд ба касалии бисьёр ганда гирифтор шудаасту ягон табиб вайро сиҳат карда натавонистааст. Баъд бача фаҳмидааст, ки дар Бухоро як Абӯалӣ ибни Сино гуфтагӣ табиби зӯр пайдо шудааст. хешу таборашро ҷамъ карда гуфтааст, ки:

- Манро пеши ҳамон табиб баред, ҳамон табиб бинад, ё мемурам ё мезиям. Тамоман дар азоб мондам-ку аз дасти ин дард.

Аз ҳамон ҷо даррав ба аробаю пароба, ба уштуру пуштурҳо савор кунонда, ба Бухоро гирифта оварданд. Хешовандони бача диданд, ки Абӯалӣ ибни Сино дар Бухоро ба ҳар кӯҷо кату ҷою ҷалол карда, табибӣ карда гаштааст. Баъд онҳо ҳам касалашонро бурдаанду Абӯалӣ Синоро ҷеғ зада оварда гуфтаанд:

-Ҳамин касали моро ҳам қабул кунед.

Абӯалӣ ибни Сино омада дидаасту як бор «мешавад» гуфта қабул кардааст. Онҳо касалро партофта, монда рафтаанд. Як чанд маҳал ба пеши касал Абӯалӣ ибни Сино наомадааст. Худ ба худаш бача фикр карда гуфтааст, ки: мабодо ин фиребгару нағмачӣ набошад? Ҳамин қадар катҳоро дар ин ҷо оварда монданаш ё барои анҷом ё барои тилло набошад? Модарам маро оварда ба вай супорид, вай ягон бор ба тарафи ман намебиёяд, намепурсад, ин чӣ хел табиб будааст?

Бача боз чанд вақти дигар истодааст, Абӯалӣ ибни Сино боз назди вай меомадаасту ягон дору накарда, боз гашта мерафтааст.

Баъд бача ба модараш хат кардааст: «Ин табиб набудааст, фиребгар будааст, манро ҷеғ зада гиреду баред. Ин як дарди ман сад дард шуд».

Баъд модараш одамҳояшро фиристодааст, одамҳо омада касалро ба шутур бор кардаанду бо чӣ азобу уқубатҳо ба Тошканд гирифта рафтаанд. Дар Тошканд як рӯз дар болои суфа хоб карда будааст, дили бача бисьёр шир хостааст, вай ба модараш гуфтааст, ки:

- Ба ман ним коса шир пухта биёр.

Модараш ним коса ширро пухта овардаасту ба болои сараш мондааст. Бача «баъд мехӯрам» гуфта, касалии худашро фикр карда, хафа шуда истода будааст, ки аз поёнии суфа як мори зард баромада ҳамон ширро хӯрдаасту гашта ба даруни шир қайт кардааст. Қайт карда боз аз суфа фаромада ба роҳаш монда рафтааст. Бача дар дилаш гуфтааст, ки: «Дуньё дар назар торик шуд. Аз ин хел азоб мурданам беҳ аст. Биё, ҳамин заҳри мор ба шир аралаш шуд. Ҳамонро якбора хӯраму мурам, аз дуньё халос шавам».

Баъд ширро гирифтаасту хӯрдааст. Хӯрдан баробар чунон баданаш ларзида, дар баданаш як гармӣ пайдо шуда, як арақ кардааст, арақ карда, хобаш бурдааст. Як шабонарӯз маст хоб рафтааст. Баъд аз як шабу як рӯз якбора ба ҳуш омада дидааст, ки тамоми дарди дар баданаш будагӣ нест шудааст.

- Э, ман нағз шудам, - гуфта модарашро ҷеғ задаст.

Ба модараш:

- Канӣ, манро камтар бардор, мехезам-мӣ, - гуфтааст.

Модараш аз қўлтуқи бача андак бардоштааст, ки бача хестааст. Ҳамин тавр бача оҳиста-оҳиста сиҳат шуда рафтааст.

Баъд бача як шаб хешу таборҳояшро ҷеғ зада гуфтааст, ки:

- Абўалӣ ибни Сино гуфта, таъриф мекунанд, бекор гап будааст. Вай табиб ҳам набудааст, фақат халқро фиреб мекардааст. Раваму худашро дар байни бозори Бухоро дошта, як шарманда кунам, чӣ мегўед-а?.

Баъд ҳамаи хешовандон розӣ шудаанд. Бача як маҳал аробаю пароба, шутуру путур карда, ба пеши Абўалӣ ибни Сино рафтааст. Вай ба бозори Бухоро даромада, дар як кунҷ пойда истодааст. Абўалӣ ибни Сино аз даруни бозор майда-чуйда карда баромада истода будааст, ки якбора чашмаш ба ҳамин бача афтидааст.

-Э бача, ин ҷо биё, - гуфтааст Абўалӣ ибни Сино.

Бача ҳеҷ гап назада давида ба пеши Сино омадааст.

- Ту, - гуфтааст Абўалӣ ибни Сино, - заҳри мори афъиро аз куҷо ёфта хўрдӣ, ки аз дард халос шудӣ? Аёнро баён кун.

Бача гуфтааст, ки:

- Модарам ширро пухта овард, як мори зарди бадҳайбат омаду ширро хўрду заҳраралаш карда партофт. Ман ҳамонро хўрдаму аз дард халос шудам.

Абўалӣ ибни Сино гуфтааст:

-Ҳамон вақт ки модарат туро оварда ба дасти ман супорид, ман донистам, ки ба ғайр аз заҳри мори афъӣ дигар ягон хел чиз ба дарди ту таъсир намекунад. Он вақт мори афъиро ман наёфтам, якчанд ҷойро кофтам, пайдо накардам. Дар айни кофтукови ман ту қаҳр кардию баромадию рафтӣ. Хайр, тағдират дар ҳамин будааст, мана, худ аз худ ҳамин мор омаду дар шират заҳр андохту ту онро хўрдию нағз шудӣ.

Ҳамин хел ҳардуяшон хеле сўҳбат кардаанд.

Баъд бача хайрухуш карда ба Тошканд рафтааст. Вай фаҳмидааст, ки Абўалӣ Сино ҳақиқатан ҳам табиби машҳури рўи дунъё будааст.

14

## КЎДАКӢ

Ибни Синои яксоларо канизак дар бағал гирифта аз назди мактабхона мегузаштааст. Синои кўдак овози мактаббачаҳоро шунида, ба мактаб рў оварда қанотак задаст. Канизак ўро ба мактабхона бурдааст. Ибни Сино дарси мактабдорро шунида, чеҳрааш шод шудааст. Мактабдор пай бурдааст, ки кўдак дарси ўро бодиққат гўш мекунад. Баъд дар ин хусус ба шогирдонаш гуфтааст. Онҳо бовар накардаанд. мактабдор Ибни Синоро дар паҳлўяш гирифта, як шогирдашро назадаш ҷеғ зада, бо вай дар хусуси ҳар гунна гапу ҳодисаҳои бемаънию беҳуда баҳс кардааст. Ибни Сино афташро турш карда, аз мактабдор рўй гардондааст.

Мактабдор як шогирди дигарашро ҷеғ зада, бо вай баҳси илмӣ кардааст. Ибни Сино сӯҳбати онҳоро бодиққат гӯш карда, чеҳрааш кушода шудааст.

Мактаббачаҳо ҳақ будани муаллимашонро фаҳмида, аз ӯ узр хостаанд.

15

## УСТОД ВА ШОГИРД

Абӯалӣ ибни Сино рӯзе бо хотири парешон як асар навишта, онро барои тозанавис кардан ба як шогирдаш додаст. Шогирд иншои Ибни Синоро дуруст хонда натавонистаасту ба устодаш мурочиат карда гуфтааст:

- Устод, хататонро хонда натонистам, илтимос минбаъд камтар бодиққат нависед, моён шогирдҳоятон, мабодо маънии асаратонро ғалат нафаҳмем.

Абӯалӣ дар ин ҷавоб фақат як шеър гуфтааст, ки он шеър ин аст:

Ҳарчанд, ки мекунам такопӯ,
Н-омад зи қалам нақши некӯ.
Азбаски қалам шикастасар буд,
Хотир зи қалам шикастатар буд.

16

## СИНО ВА ШАВҲАРИ ҶАВОН

Як зану шавҳари ҷавон фарзанддор мешаванду ду моҳ гузаштан пас ҳардушон маслиҳат мекунанд, ки пеши Абӯалӣ ибни Сино рафта, таълими кӯдаккалонкуниро ёд гирифта биёянд.

Майда-чуйда, савғотӣ гирифта, онҳо хонаи Абӯалӣ Сино мераванд. Абӯалӣ Сино онҳоро меҳмондорӣ карда баъд мепурсад:

-Ягон хизмат бошад, шарм накарда гӯед, ман ба хизмати шумо ҳозирам:

Занаки кӯдакдор мегӯяд:

- Тақсир, мо нав як кӯдак ёфтем, чӣ хел тарбия кардани вайро намедонем, пеши шумо омадем, ки ба мо таълим диҳед.

Баъд Абӯалӣ Сино мепурсад, ки:

- Кӯдакатон чандрӯза шуд?

Онҳо мегӯянд:

- Думоҳа.

Абӯалӣ Сино дастонашро дар сари зону зада мегӯяд:

- Дер шудааст, дер! Кӯдакро мебоист дар ҳамон рӯзи таввалуд шуданаш меовардед, акнун худатон ӯро чӣ хеле, ки хоҳед, ҳамон тавр тарбия кардан гиред!

17

## СӮҲБАТИ АБУАЛӢ СИНО БО ПОДШОҲ

Чунин мегӯянд, ки Абӯали Сино дар даргоҳи подшоҳе як муддат хизмат карда будааст. Рӯзе он подшоҳ ба одамонаш фармон додаст, ки тахти ӯро ба берун бароранд. Вақте ки тахтро бардошта ба берун мебурданд, Абӯалӣ Сино дар назди подшоҳ будааст.

Подшоҳ ва Абӯалӣ Сино муддате дар ҳавои кушод бо ҳам сӯҳбат кардаанд. Дар ин вақт аз дур сиёҳие намоён шудааст, ки он ба саққо монанд будааст. Подшоҳ тааҷуб кардааст, ки он чӣ бошад. Абӯалӣ Сино ин тааҷуби подшоҳро бартараф намуда гуфтааст:

- Подшоҳам, он сиёҳӣ марди аспсаворе мебошад, ки дар хӯрҷин асал дорад ва гоҳ-гоҳ аз он лесида меояд.

Подшоҳро тааҷуб зиёд шудааст ва аз Сино пинҳонӣ шахсеро барои фаҳмидани он, ки оё Абӯалӣ рост мегӯяд, ба сӯи он сиёҳи омадаистода равон кардааст. Дар ҳақиқат он шахс хабар овардааст, ки гуфтаи Сино рост аст. Подшоҳ ҳайрон шуда, ба Сино гуфтааст:

-Хайр, ту донистӣ, ки он сиёҳӣ савораест, пас аз куҷо фаҳмидӣ, ки вай дар хӯрҷин асал дорад?

- Ман, - гуфтааст Аьӯалӣ Сино, - дидам, ки магасҳо ӯро иҳота кардаанд ва аз ҳамин фаҳмидам, ки дар куҷои вай ширинике ҳаст.

Подшоҳ Синоро ситоиш карда, ба ӯ тӯҳфа додаст.

18

## МАХЛУҚ ВА ДОМ

Ҳикоя мекунанд, ки дар кадом як замоне дар Бухоро махлуқе пайдо щудааст. Вай бисьёр бадҳайбат будааст. Одами дидагӣ лом нагуфта ҷон медодааст. Мардум илоҷи нобуд кардани махлукро наёфта, пеши Абӯалӣ Сино рафтаанд. Абӯалӣ Сино мақсади онҳоро фаҳмида, бо устоҳои оҳангар фармудааст, ки як доми бузург созанд. Рӯи домро сайқал диҳанд.

Устоҳо ҳамин тавр кардаанд. Домро пинҳонӣ бурда, сари роҳи махлуқ гузоштаанд. Он махлуқ ба дом наздик омада, акси худро дар доми ҷилодор дида, худаш ба акси худаш дарафтодааст ва гирифтори дом шуда ҳалок гардидааст.

Одамон ба шарофати тадбири Абӯалӣ Сино аз дасти он ҳайвон – махлуқи одамкуш раҳоӣ ёфтаанд.

19

## ТАБИБ ВА АБУАЛӢ СИНО

Абӯалӣ Сино гуреза шуда мегаштааст, чунки подшоҳи ҳамон вақта бисьёр золим будааст. Подшоҳ барои дастгир кардани Абӯалӣ пули бисьёр ваъда кардааст. Як рӯз Абӯалӣ Сино ба як шаҳре рафта дидааст, ки як табиб ба рӯи кӯрпача чорзону шишта, беморонро табобат мекунад. Абӯалӣ ҳам рафта ба як кунҷак нишастааст. Табиб беморонро якта-якта дида, ба дардашон дору мегуфтааст. Абӯалӣ кори табибро бодиққат тамошо

мекардааст. Навбат ба як зан расидааст. Зан аз фаранҷӣ дасташро бароварда, ба табиб дароз кардааст. Табиб раги дасти вайро қапида гуфтааст.

-Ҷурғот хӯрда будед?

-Ҳа, ҷурғот хӯрда будам, - гуфтааст зан.

Абӯалӣ Сино ҳайрон шудааст, ки чӣ хел аз раги даст ҷурғот хӯрдани занро фаҳмида тавонист.

Табиб боз диққат карда истода гуфтааст:

- Шаби гузашта мурғпалав хӯрда будед-мӣ?

-Ҳа, мурғпалав ҳам хӯрда будам, - гуфтааст зан.

Абӯалӣ боз ҳайрон шудааст.

Табиб боз ба раги дасти зан диққат карда гуфтааст:

-Дарвозаи ҳавлиатон ба тарафи офтоббаро нигоҳ мекунад-а?

-Ҳа, ба тарафи офтоббаро нигоҳ мекунад, - гуфтааст зан.

Баъд табиб аз ҳамон зан пули бисьёре гирифта, дору додаасту бемори дигарро ба пеши худ ҷеғ задаст.

Абӯалӣ Сино худ ба худ фикр кардааст, ки ҷурғот ва мурғпалав хӯрдани беморро, фарз кардем, аз раги дасташ фаҳмида тавониста бошад, ба тарафи офтоббаро нигоҳ кардани дарвозаи ҳавлии вайро аз раги даст чӣ хел фаҳмидан мумкин аст? Не, дар ин ҷо як ҳилае ҳаст, ки ман бояд онро бояд фаҳмам ва то нафаҳмам, аз ин ҷо намеравам.

Табиб баъди дидани бемори дигар ба Абӯалӣ  нигоҳ карда гуфтааст:

- Шумо марҳамат кунед.

- Дарди ман бисьёр вазнин аст, ин беморонро дида гуселонед, манро аз ҳама сонӣ мебинед, - гуфтааст Абӯалӣ Сино.

Табиб беморонро дида тамом кардаасту хона барои ҳар ду хилват мондааст.

Абӯалӣ Сино оҳиста-оҳиста ба табиб наздик шуда, дар паҳлӯяш шиштааст. Дар пеши табиб як тӯққуз китоб будааст. Абӯалӣ як китобро гирифта, мобайнашро кушодаасту зуд пӯшида, ба ҷояш мондааст ва гуфтааст:

- Ин китоб «Қонун»-мӣ?

- Ҳа, ин китоб «қонун» асту шумо Абӯалӣ Сино ҳастед, ки гурехта ба шаҳри мо омадед, - гуфтааст табиб.

Абӯалӣ Сино боз ҳайрон шуда мондааст. Табиб ба вай ҳурмату эҳтиром ба ҷо оварда, меҳмондорӣ  кардааст. Баъд Абӯалӣ Сино ҳодисаи ба зани бемор шудагиро аз табиб пурсидааст, ки вай дар ҷавоб гуфтааст:

- Дидам, ки остини зан ба ҷурғот олудааст, донистам, ки то ба инҷо омаданаш ҷурғот хӯрда будааст. Вақте ки зан «ҳа ҷурғот хӯрда будам» гуфт, аз лафзаш донистам, ки зани яҳудии давлатманд аст. Мурғпалав хӯрдани вайро аз он донистам, ки рӯзи шанбе буд. Дар шаби шанбе яҳудиёни давлатманд мурғпалав мехӯранд. Ба тарафи офтоббаро нигоҳ кардани дари ҳавлияшро аз он донистам, ки ҳавлии ҳамаи онҳо дар як кӯчаи баланд қатор мебошаду дарвозаашон ба офтоббаро нигоҳ мекунад.

Абӯалӣ Сино боз пурсидааст:

- Инҳоро фаҳмидам, аммо аз куҷо донистед, ки ман Абӯалӣ Сино ҳастам?

Табиб дар ҷавоб гуфтааст:

- Ин китоби «қонун» чанд сол боз дар дасти ман аст. Аввалҳо ман намедонистам, ки ин китоб «қонун» аст. Соният чанд сол мутолиа карда, на ман аз он чизе фаҳмидам, на шариконам. Баъд шумо, ки бо як назар кардан «қонун» будани онро гуфтед, ман фаҳмидам, ки ба ғайр аз нависандааш каси дигар ин тавр ба осонӣ кадом китоб будани онро гуфта наметавонад.

## 20
## ДАР ОН ДУНЬЁ

Як муллои бухороӣ дар хобаш ба он дуньё рафтааст. Мулло рӯзе ба пайғамбар вохӯрдааст, ки вай дар бистари беморӣ хобидаасту касе аз ҳолаш хабар намегирад. Мулло ба зери пои пайғамбар сар монда, саҷда кардаасту аз Бухорои Шариф будани худро фаҳмонда, дуо талабидааст. Пайғамбар баъди дуо ба мулло гуфтааст, ки Абӯалӣ Синои Бухороиро зуд ёфта биёрад, то ки шифое пайдо кунад.

Мулло гуфтааст:

- Э расули худо, Абӯалӣ Сино кофир буд-ку. Вай бояд дар дӯзах бошад. Ман кофирро чӣ тавр ба наздӣ шумо биёрам?

Пайғамбар гуфтааст:

- Дар ин дуньё на кофир ҳасту на мусулмон. Тезтар рафта Абӯалӣ Синоро биёр, ки дар ду дуньё ҳам монанди вай ҳакими донишманд ёфт намешавад.

Мулло дав-давон рафта Абӯалӣ Синоро ёфтааст. Дар ҳақиқат, Абӯалӣ Сино дар як хонаи калон донишманду ҳакимҳои тамоми мамлакатҳоро ҷамъ карда, дарс мегуфтааст. Мулло хоҳиши пайғамбарро ба Абӯалӣ Сино расондааст. Абӯалӣ Сино дар ҷавоб гуфтааст:

-Ба он кас худо шифо диҳад.

## 21
## ШАРТИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

Замоне дар як шаҳр касалии вабо ниҳоят авҷ мегирад. Подшоҳи он шаҳр аз Абӯалӣ ибни Сино хоҳиш мекунад, ки ба муқобили ин касалӣ чорае андешад. Абӯалӣ ибни Сино хоҳиши подшоҳро рад карда мегӯяд, ки барои нест кардани вабо тамоми масҷидҳои шаҳрро оташ задан ва дар байни мардум дуохонию муллогиро барҳам додан лозим аст.

Аз ин Суханон подшоҳ ба хашм меояд ва мефармояд, ки сари Абӯалӣ ибни Синоро зуд аз танаш ҷудо кунанд. Баъд Абӯалӣ ибни Сино ба подшоҳ муроҷиат карда мегӯяд:

- Эй подшоҳи олам, ман як шарт дорам. Шартам ҳамин, ки фалон рӯз офтоб мегирад ва он чанд муддат давом мекунад. Агар ҳамин гапи ман дурӯғ бароял, он гоҳ метавонед шумо маро сар буред.

Подшоҳ шартро қабул карда, рӯзи офтобгириро интизор мешавад. Ниҳоят он рӯз мерасад. Абӯалӣ ибни Сино шишаҳоро сиёҳ карда, ба подшоҳу надимони ӯ медиҳад. Онҳо мебинанд, ки дар ҳақиқат нисфи офтоб гирифтааст. Баъд аз ин подшоҳ ва надимонаш ба донишмандии Абӯалӣ ибни Сино қоил мешаванд.

22

## ГИЁҲИ ШИФОБАХШ

Солҳои нав ба Душанбе кӯчида омадани мо дар ин ҷо касалии вараҷа бисьёр буд. Ин тахминан солҳои 1933-1934 буд, ман духтарчаи калонакак будам. Кӯчида омадему андак вақт нагузашта дар хонаи мо ҳам чанд кас касал шуд: аввал модарам, сонӣ акому ман. Фақат падарам касал набуданд, он кас ба мо нигоҳубин мекарданд. Агар падарам набошанд, якамон ба дигарамон об ҳам дода наметавонистем. Он вақтҳо доруи духтур анқо, ба пиёда як тараф истад, ба аспакӣ ҳам ёфт намешуд.

Як рӯз падарам ба бозор рафта, аз як табиби шиносашон як хел гиёҳ гирифта омаданд. Вай гиёҳ хушку қоқ буд, рангаш сабзи баланд, номашро падарам ким-чӣ гуфта буданд, ҳоло дар хотирам нест. Падарам он гиёҳро ба мо нишон дода, ҳамин алафро ҷӯшонда обашро хӯрдан даркор будааст, ба касалии вараҷа дору будааст, гуфтанду худашон вайро ба даруни як чойники тунука андохта, об қатӣ карда хуб ҷӯшонданд. Баъди ҷӯшондан обашро андак хунук карда, аз ҳамун ба ҳар кадоми мо нимпиёла-ним пиёла хӯронданд. Рӯзи дуюм ҳам оби мондагиашро гарм карда боз нимпиёлагӣ доданд. Бовар мекунед-мӣ, оби ҳамон гиёҳро хӯрдему аз касалии вараҷа тамоман халос шудем. Аз ҳамун вақт то имрӯз чӣ будани ин хел касалиро намедонам. Дар хотирам ҳаст, падарам ҳамон вақт гуфта буданд, ки ин гиёҳи шифобахшро Абӯалӣ ибни Сино ёфта будааст.

23

## ЧОИ КӮҲӢ

Абӯалӣ ибни Сино табиби зӯр гузаштагӣ будааст. Табибии ӯро дар тамоми дуньё ҳама медонистаанд. Вай ҳанӯз дар давраи бачагиаш, яъне, вақте, ки акнун ба мактаб қадам монданаш даркор будааст, касеро агар дасташ барояд, ё дилаш дард кунад, ба назди ҳамун одам ҳозир шуда, ба дардаш даво мекардааст.

Як рӯз як зан касал шуда ба назди Сино рафтааст. Сино ӯро дида гуфтааст:

- Хола, куҷои шумо дард мекунад?

- Дилам, писарам, - ҷавоб додаст зан.

Абӯалӣ ибни Сино як хел алафро ҷӯшонда, обашро чор-панҷ бора хӯред, ин чои кӯҳӣ аст, аз оби ҳамин аҷаб не, ки нағз шуда равед.

Зан алафро гирифта ба хонааш рафтааст ва онро ҷӯшонда, обашро хӯрдан гирифтааст. Дидааст, ки дар ҳақиқат дарди дилаш гум шудааст. Зан ба назди Ибни Сино омада, вайро бисьёр дуо кардааст. Сонӣ ана ҳамин алаф дар

байни халқ паҳн шудааст. Дар қишлоқи мо ин алафро аз куҷо ёбанд, чинда мебиёранд ин ба дарди дил дору гуфта.

24

## БУАЛӢ – КИМЬЁГАР

Буалӣ ба Эрон рафта, як китоб наишта, дар як ҷои китоб «бо хурӯши тилло мисро тилло кардан мумкин» гуфтааст. Баъд вақти аз Эрон рафтанаш ҳамон ҷои «бо хурӯши тилло» навиштаи ҷумларо дарронда гирифтаасту худи китобро ба ҳуҷра монда рафтааст, пас аз чанд вақт ин китобро як боз аз ҳуҷра ёфта гирифтааст. Вай китобро, як ҷояшро хонда дидааст, ки дар он «мисро тилло кардан мумкин» гуфта навишта шудааст, аммо мисро бо чӣ тилло кардан мумкин, маълум нест. Бой аз мис тилло сохтанӣ шуда тамоми давлаташро сарф карадаасту ҳамон тилло мешудаги чизро – хурӯши тиллоро ёфта натавонистааст. Сонӣ бой маҷбур шуда ба саққоӣ баромадааст. Ҳар рӯз саққоӣ карда, об фурӯхта, пули обро намегирифтаасту ба одамон:

- Обро хӯреду пул надиҳед, «лаъват ба Буалии бухорӣ» гӯед мешавад, - мегуфтааст.

Баъд ин гап овоза шуда, ба гӯши Абӯалӣ Сино расидааст. Бӯалӣ Сино рафта, ҳамин мардакро ёфта «як об те» гуфта, об талбидааст. Вай об додаст, обро хӯрдан баъд  Бӯалӣ ба мардак чанд пул додаст. Мардак аз дасти ӯ пулро нагирифта гуфтааст, ки:

- Пулат даркор не, лаънат ба Бӯалии бухорӣ гӯй бас.

Бӯалӣ гуфтааст:

- Чаро ин тавр мегӯед? Вай фаҳмад, хафа мешавад.

Баъд вай гуфтааст:

- Дарди манро напурс, манро хароб кардагӣ ҳамон. Як шаб меҳмон шавӣ, ҳикояташро карда медиҳам.

Баъд Сино ду кило биринҷ гирифта ба хонаи саққо рафтааст. Лекин кӣ будани худашро маълум кардагӣ не. Ҳамин вақт, дар ҳамин шаҳр ширбиринҷ гуфтагӣ таом набудааст. Баъд Сино пухтани ширбиринҷро ба вай ёд дода:

-Ҳаминро фурӯхтан гир, бой шуда меравӣ, - гуфтааст Абӯалӣ Сино.

Эронӣ ҳамин касбро кардааст, баъд давлаташ аз пештара ҳам зиёд шуда рафтааст.

25

## БА  ҲАҚ ЗАВОЛ НЕСТ

Абӯалӣ Сино дар замонаш каси олим буд. Як вақт шуд, ки ин кас зан гирифт. Зану шавҳар ҳамдигарашонро ҷудо ҳам дӯст медоштанд, ҳурмат мекарданд.

Онҳо дӯстона зиндагонӣ карда мегаштанд, ки як рӯз ба хонаи Абӯалӣ Сино як ҷӯрааш меҳмон шуда омад. Абӯалӣ Сино  ҷӯраашро қабул кард, ба пешаш дастархон кушод, чою нон монд. Қанду қурс монд, ҳарчӣ, ки дошт, оварда монд. Онҳо нишаста бисьёр сӯҳбат карданд. Баъд вақти сӯҳбат

чўрааш ба зани Абўалӣ Сино нигоҳ кард, ки зан ҳақиқатан зани бисьёр хушрў. Вай фикр кард: «Чӣ хел карда ўро аз раҳ бароварда, худам ба занӣ гирам?». Ҷўра бошад ҳам чўраи бемазза буд-дия! Сонӣ шишт, чойро хўрду вақти рафтанаш ҷўрааш Абўалӣ Синоро ҷеғ зад:

Ҷўра, - гуфт, - зан гирифтӣ-ку? Ба ҳамин хел илм соҳиб ҳастию як зани дуруст нагирифтӣ-дия!

Гуфт:

- Чаро?

- Не, ин занат намешавад, ман медонам, - гуфт.

Ҷўрааш инро гуфту аз хонаи Ибни Сино баромаду рафт. Чӣ мегўед, ки ў рост пеши ҳаммомчӣ рафт. Рафту ба ҳаммомчӣ гуфт, ки:

- Кадом рўз ба ҳаммоми заифҳо зани Абўалӣ Сино мебиёд. Агар ту аз кисаи ў як дона расмашро ба ман дуздида диҳӣ, ба ту ҳамин қадар пул медиҳам.

- Хуб, - гуфт ҳаммомчӣ.

Сонӣ, зани Абўалӣ Сино ҳамроҳи заифҳо як рўз ба ҳаммом омад. Ҳамон вақт ҳаммомчӣ аз кисаи зани Абўалӣ Сино як дона расмашро дуздида ба ў дод. Ин мард  расмро гирифта тўппа-тўғрӣ пеши рассом рафт. Ба рассом гуфт, ки:

- Расми Ману ҳамин заифро гир, ки дар он манн вайро оғўш карда, бўсида истода бошам.

Рассом чанд хел карда, расми ўро бо зан гирифта дод. Сонӣ мардак расмро гирифт, ба киссааш заду хонаи Абўалӣ Сино рафт. Рафта боз чой-нон хўрду гуфт, ки:

- Ин зан ҳоло ҳам дар хонаат будааст-дия?

- Куҷо равад, ин зани ман? – гуфт Абўалӣ Сино.

- Ман нагуфта будам-мӣ ба ту, ки занат нобоб, бемазза, ба ту вафо намекунад, аз хона пеш кун, бо худи ман ҳам занат  бисьёр номаъқулиҳо кардааст, - гуфта расмро нишон доду аз он ҷо баромада рафт.

Абўалӣ Сино расмро дида қаҳр карду занашро куштанӣ шуд. Лекин занаш нағз, ба раҳаш рост буд. Як вақт, чӣ мегўед, ки баъди ду-се рўз гузаштан Абўалӣ Сино ба занаш гуфт:

- Канӣ, анҷом-панҷоми наватро пўш, ҳардуямон ба хонаи ҷураам ба меҳмонӣ меравем.

- Хуб, - гуфт зан мақсади шавҳарашро нафаҳмида. Занак анҷомҳои навашро пўшид. Зану шавҳар ба арроба савор шуда, баромада рафтанд. Дар роҳ аз пешашон ҷарӣ баромад. Абўалӣ Сино ба лаби ҷарӣ наздик шуда, аз арроба фаромаду ба занаш:

- Ту шин, ман як пешоб кунам, - гуфт.

Баъд Абўалӣ Сино аробаро қафо карда, пеш карда ба аспаш ба ҷарӣ тела дод. Сонӣ «зан ҳам рафт, асп ҳам рафт, арроба ҳам, рафт, ҳамааш тика-тикка шуда рафт» гуфт дар хаёлашу чапонашро кашида, дар кифташ партофту ба кўҳ баромада рафтан гирифт. Дар фироқи зан қаландар гўед ҳам, - вай, девона гўед ҳам- вай. Ба як ҷо рафта ба ҳавлии як чолу кампире

даромад. Зери ҳавлии чолу кампир макони дуздҳо буд. Роҳи дуздҳо аз байни ҳавлии ҳамин чолу кампир буд.

Баъд Абӯалӣ Сино ба фикру хаёл банд шуда, маст барин баҳушу беҳуш ба макони дуздҳо, ба таги замин даромада рафт. Дуздҳо аз вай пурсиданд:

-Э ин ҷо барои чӣ омадӣ? Ту дар пеши мо чӣ кор мекунӣ?

Абӯалӣ Сино:

-Э ҷӯраҳо, манро напурсед. Девона гӯед, ман, кӯкнорӣ гӯед ҳам, ман. Ба ин ҷо омада монданамро худам надониста мондам, - гуфт.

-Э, шумо, Абӯалӣ Сино не-мӣ?

-Ҳа, ман Абӯалӣ Сино, - ҷавоб дод вай.

Ҳамин вақт як нафари дуздҳо Абӯалӣ Синоро шинохта гуфт:

- Э, ҷудо нағз кардед ки омадед. Шуморо ба мо худо дод, - гуфт ин дузд, - акнун шумо ба моён сардор мешавед. Ҳар чӣ фармоед, мо иҷро мекунем. Шумо ҳар чиро, ки дилатон кашад, хӯрда хоб кунед.

Ана акнун инҳо ин ҷо истодан гиранд, аз зани Абӯалӣ Сино гап сар кунем.

Абӯалӣ Сино занашро «вай ба таги ҷарӣ афтида мурд» гуфта фикр карда буд-дия. Лекин зан ба ҷари афтида намурда буд. Як-ду йигит шикор карда омада истода, аз болои ҷарӣ мебинанд, ки як чизи сурх дар таги ҷарӣ намоён аст. Фаромада дидаанд, ки як зан. Пӯстҳои рӯяш канда шуда рафтагӣ. Ба сандуқи дилаш даст кофта диданд, ки нафасаш ҳаст, зинда. Йигитҳо занро аз ҷарӣ кашола карда баровarда ба табибе супориданд. Зан дар он ҷо чанд вақт хоб рафта нағз шуда баромад.

Зан дар танаш либоси мардона, рафтан гирифт, ки аз пеш як шаҳр намудор шуд, ба он шаҳр рафт.

Подшоҳи ин шаҳр мурда буд, мардуми он шаҳр барои подшоҳи нав интихоб кардан бози давлатро парронда буданд, ки боз омада ба сари ин зан нишаст. Се маротиба бозро парронданд, се маротиба ҳам боз омада ба сари ҳамин зан нишаст. Баъд ӯро подшоҳ интихоб карданд.

Акнун занак ин ҷо истад, аз дуздҳо аҳвол пурсем.

Дуздҳо як шаб як одами раҳгузаро барои молу пулаш шуда кушатанд. Молу пулашро гирифтанду ҷасадашро шабона оварда дар ҳавлии кампир гӯр карданд. Пагоҳи одамони ҳукумат фаҳмиданд, ки дар ин ҳавлӣ як гӯр пайдо шудааст. Чолу кампирро ба ҳабс гирифтанд. Гуфтанд, ки:

- Агар кушандаро гӯед, ҷавоб медиҳем, мераветон, агар нагӯетон, дар даруни ҳабс пӯсида мераветон.

- Э, кушандаи ин одамро мо намедонем, - гуфт кампир. Дар таги замин чил нафар дузд ҳаст, роҳаш аз ҳавлии мо мегузарад. Ана ҳамонҳо куштанд.

Сонӣ аскар ҷамъ карданд, шабо-шабакӣ дуздҳоро рафта зер карданд, ҳамаашро бастанд. Дар байни онҳо Абӯалӣ Сино ҳам ҳаст. Чил нафар дуздро дар ҳабсхона қава карданд. Акнун подшоҳ бояд ки ҳамаи инҳоро пурсиш кунад.

Занак ба ҳабсхона рафта як нигоҳ карду буромад. Вай аз байни дуздҳо шавҳарашро шинохт, лекин шавҳар занашро намешиносад. Подшоҳ ба қаровул шавҳарашро нишон дод, фармон дод, ки:

- Ана ҳамон одамро барои пурсиш кардан аз ҳама охир мебарорӣ!

Чил нафар дуздро барои пурсиш кардан гирифта бурданд. Баъд ҳамаашро қава карданд. Навбати пурсиш ба Абӯалӣ Сино расид. Подшоҳ гуфт:

- Ман шуморо дар куҷое дидагӣ барин. Шумо Абӯалӣ Сино не-мӣ?

-Ҳа ман Абӯалӣ Сино, - дарди манро напурсед. Ман як зан доштам, вайро бисьёр нағз медидам. Ҷӯраам «занат бемазза» гуфт. Ӯ бо занам расм гирифта будааст, онро ба ман нишон дод. Занамро бо аспу арроба ба ҷарӣ тела додам, мурда рафт. Дар ғами ҳамин ман девона шуда гаштаам.

-Ҳамон ҷӯраатон ҳаст-мӣ, - гуфт подшоҳ.

-Ҳа, ҳаст.

Вайро даррав одам монда ёфта оварданд.

Подшоҳ пурсид:

-Ҳаммомчӣ ҳаст-мӣ?

-Ҳаст.

Вайро ҳам ёфта оварданд.

Подшоҳ боз пурсид:

- Рассом ҳаст-мӣ?

Рассомро ҳам оварданд.

Ҳаммомчиро гуфтанд, ки:

- Барои чӣ расми занро дуздида ба рассом додӣ?

- Вай ба ман «пул медиҳам» гуфт. Рӯи пул ширинӣ кард, ман ҳамин тавр кардам, - гуфт.

Рассомро гирифта омаданд.

- Барои чӣ расми зани як касро ҳамроҳи каси бегона гирифта додӣ?

-Ӯ пули бисьёр ваъда кард, ман ҳамин хел кардам.

Пурсиш тамом шуд. Подшоҳ қарор хонда дод. Чил нафар дуздро бадарға, ҷӯраи Абӯалӣ Сино ва ҳаммомчию рассомро ба куштан ҳукм кард. Подшоҳ аз ҷояш хесту Абӯалӣ Синоро аз дасташ дошта:

- Шумо маро шинохтед-мӣ? Ҳамон зани ба ҷарӣ тела додагиатон ман мешавам, - гуфта шавҳарашро ба хонааш гирифта рафт. «Ба ҳақ завол не» мегӯянд рост. Бо ҳамин ҳақ ба ҷояш қарор гирифту ҳикояи мо ҳам тамом шуд.

26

## САРГУЗАШЬТ ИБНИ СИНО ВА АБУСОЛӢ

Абӯалӣ Сино дар Бухоро, вақто ки илмаш зиёд шуд, баромаду дорухона кушод. Дорухона кушоду ҳар хел касалиҳоро муолиҷа кардан гирифт. Муллоҳо аз кори Абӯалӣ Сино хабардор шуда, мағал бардошта, пеши подшоҳ рафтанду гуфтанд, ки:

-Ҳамин Абӯалӣ Сино дар кори худо даст андохтааст, таваккалӣ ин тавр мегӯяд, таввакалӣ он тавр мегӯяд. Ҳаминро нест кардан даркор.

Подшоҳ гуфт:

- Чӣ навъ табобат мекунад?

- Пешоби ҳар касалро тафтишкарда мебинаду баъд ба ҳар кадомаш дар шиша дору медиҳад.

Подшоҳ гапи ин муллоҳоро шуниду гуфт:

- Сабр кунед, ман вайро имтиҳон мекунам.

Подшоҳ як гови зар дошт. Пешоби гови зардро ба як шиша гирифту ба як бачаи бесавод доду гуфт, ки:

- Бурда ба Абӯалӣ Сино деҳ, гӯй ки ба мо як касал ҳасту пешоби ҳамонро овардам. Бин, чӣ ҷавоб менависад, ман як дида бароям.

Ин бача оварду ба Абӯалӣ Сино гуфт:

- Буродар, дар хонаи мо як касал ҳаст, худаш ба пеши шумо омада наметавонад, ман пешобашро овардам, агар мумкин бошад, ҳаминро шумо дида, ба шумо ҳаёт диҳад, ба вай як дору диҳед, ки сиҳат шавад.

Абӯалӣ Сино пешобҳоро аз назар гузаронида давои касалро дар пушти шиша часпонда мемонд. Ҳамаи шишаҳоро гирифта дид, навабати шишаи подшоҳ омад. Гирифта дид, ки пешоби гови зард аст. Як табассум карду ҳеҷ чиз нагуфт. Ба қоғаз навишт, ки «Давои ин касал кунҷораю каҳ. Каҳу кунҷораро мӯл диҳед, шира мӯл мегиред».

Саҳарӣ буд, ҳамон бача омад. Абӯалӣ Сино шишаро гап назада ба дасти бача дод. Бача гирифта пеши подшоҳ бурд. Подшоҳ коғази рӯи шишаро хонд, ки дар қоғаз навиштагӣ: «Давои ин касал кунҷораю каҳ. Каҳу кунҷораро мӯл диҳед, шира мӯл мегиред».

-Ҳой бородарҳо, - гуфт подшоҳ, - ҳақиқатан табиб будааст. Ба вай дигар кордор нашавед.

Бо ҳамин ҳаври муллоҳо паст шуду Абӯалӣ Сино корашро давом додан гирифт. Тамоми халқ ба тарафи Абӯалӣ Сино гашт, ба муллоҳо нон намонд. Муллоҳо тамоман мағал карда назди подшоҳ рафтанд.

- Агар Абӯалӣ Синоро нобуд мекунӣ, кун, агар намекунӣ, мо чораи туро мебинем, - гуфтанд ба подшоҳ.

Подшоҳ аз он ваҳмида барои нобуд кардани Абӯалӣ Сино шифо дидагӣ буд. Оҳиста ба баҳонаи таҳоратшиканӣ хесту пеши Абӯалӣ Сино омад, гуфт, ки:

- Буродар, ҷонатро каш, ки муллоҳо балво кардаанд, туро нобуд мекунанд.

Абӯалӣ Сино гуфт:

-Ҳай дареғ, охир ин муллоҳо балво кардаанд-дия!

Ин кас Абусолӣ гуфтагӣ ака дошт. Вай гуфт:

- Буродар, хез, акнун тарки ватан мекунем.

Абусолӣ ҳамроҳи Абӯалӣ Сино хестанд, аз ин шаҳр баромада, ба мамлакатҳои дигар рафтанд.

Ба як мамлакат рафтанд, ки халқи бисьёре аз як ҷо баромада омада истодаанд. Абӯалӣ Сино пурсид, ки:

- Буродарҳо, шумо аз куҷо меоетон?

Одамҳои омада истодагӣ гуфтанд, ки:

- Дар ин ҷо тилисм ҳаст, да даруни тилисм «Ал-қонун» гуфтагӣ китоб ҳаст, аз он сол ба инсол ҳамин тилисм ду соат кушода мешавад, мо ҳар чизи

азхудкардагиамонро хоҳ як варақ, хоҳ ним варақ, гирифтему баромадем, тилисм акнун маҳкам мешавад.

Ҳамин гапро  гуфтан баробар Абӯалӣ Сино ба тарафи Абусолӣ гуфт, ки:

-Ҷои ману ту будааст.

Якчанд авқотӣ: анори шириндона, бодом ва ҳоказо гирифтанд, дар рӯмолҳо таранг крданду фаромаданд. Одамҳо доду вой карданд, ки:

-Ҳой, шумо надароед, тилисм маҳкам мешавад, то соли оянда мемуред!

Гуфтанд:

-Кори шумо набошад, равед ба коратон.

Инҳо даромаданду тилисм маҳкам шуд.

Абӯалӣ Сино аз он сӯи китоби «Ал-қонун» шишт, Абусолӣ, аз ин сӯй шишт. Дуяшон то соли оянда китоби «Ал-қонун»-ро як варақ намонда аз худ карданд.

Соли оянда, акнун тилисм кушода мешавад гуфтагӣ рӯз одамҳо тараддуд карда омаданд. Дар байни ин одамҳо навкари подшоҳ ҳам буд.

Як вақтҳо хазинаи подшоҳ гум шуда буд. Подшоҳ бисьёр кофтуков мекарду дуздро намеёфт. Вақто ки тилисм кушода шуд, ду одам аз даруни тилисм баромад, мӯи сар ба даҳан мерасаду, риш ба ноф, ранги одами ёбоӣ. Одамон ҳайрон монданд, «инҳо чӣ хел одамон бошанд» гуфтанд. Навкари подшоҳ гуфт

- Инҳо одамони роҳзан, дузд. Шояд ки хазинаи подшоҳро ҳаминҳо зада бошанд. Ҳой, ин ҷо биёед! Шумоҳо кистетон?

- Мо одам, - гуфтанд.

- Не, шумо одам не, шумо дузд.

Ҳамон одам дуи инҳоро кашид, пеши подшоҳ бурд.

Ба подшоҳ гуфт, ки:

- Тақсир, хазинаро дуздидагиҳо ёфт шуданд!

- Канӣ?

- Ана! – гуфт.

Подшоҳ ши203нонду гуфт, ки:

- Бадбахтҳо, шумоҳо дузд будаед, хазинаи мо фалон вақт гум шуда буд, вайро шумоён задагӣ, ғайр аз шумо дигар кас не.

Абӯалӣ Сино гуфт:

- Тақсир, худи мо хазина. Мо ба дуньё кор надорем. Ин гапро аз мо гумон накунед.

Подшоҳ гуфт, ки:

- Кадом дузд қоил шудааст, ки ҳамин корро кардам гуфта. Чӣ, ёфта намидиҳед?

Гуфтанд:

- Мо нагирифтем.

- Банд дасташро, - гуфт подшоҳ.

Дасти Абӯалӣ катӣ Абусолиро бастанд, пеши ҷаллод кашиданд. Дар роҳ Абӯалӣ Сино ба Абусолӣ гуфт:

- Бузодар, мо як сол заҳмат кашида, китоби «Ал-қонун»-ро азхуд кардем, акнун дар ҳамин вақт кор намефармоем?

Гуфт:

- Хуб!

-Навбат тани мо, - гуфту Абўалӣ Сино як дуо хонд, наҳанг шуду дар даруни баҳр зад. Абусолӣ як дуоро хонду як дуди борик шуду ба ҳаво баромада рафт. Ҷаллод дар ҳамон ҷо монд, даҳонаш қоқ шуд, ресомонро ба замин монда гурехт.

Акнун Абусолиро гирем, ки ин рафта-рафта дар даруни як шаҳр даромад. Шаҳр ободу зебо, танҳо худаш камтар одами ёбоӣ барин буд. Дид, ки як шахс ҳалво фурўхтаистодаасту одамҳо аз вай ҳалво мехаранд. Абусолӣ нигоҳ карда истода буд, ки шахси ҳалвофурўш гуфт: «Оббо, одами ёбоӣ, ҷангалӣомадааст. Дилаш ба ҳамин ҳалвои ман об шудааст-да». Тешаро гирифту аз паҳлўи ҳалво як гард заду ба дасташ дод.

- Ма, хўру пеша нагир, - гуфт.

Абусолӣ ҳалворо гирифт, хоид-хоиду партофт ва гуфт:

-Ҳамин ҳам ҳалво буадаст-мӣ? Бурордар, ман ҳалво кунам, тамоми шаҳрат аз болои ҳалвои ман занозан мешавад.

Ин гапро ҳалвопаз шуниду дарров дўконаша маҳкам карду гуфт:

- Шумо барин одам ба ман даркор.

Ҳалвопаз Абусолиро ба хонааш мебурд, ки дар роҳ сартарошхонаро дида монд.

Як ба сартарошхона даромада, мўятону ришатонро кам-кам тўғрӣ кунем, мумкин-мӣ?

- Майлаш, - гуфт Абусолӣ.

Абусолӣ даруни сартарошхона даромад, сартарош боб карда, асли қадим кард, ки як одами базеб шуда монд. Баъд ҳалвофурўш Абусолиро бурд ба хона. Ҳалвофурўш як бузак дошт, як кампир - оча дошт, як меҳмонхона дошт. Абусолӣ даруни меҳмонхона даромад. Ҳалвочӣ ба пеши кампир рафту гуфт:

-Э модари азиз, як меҳмони бисьёр хуби ҳунарманд ёфтам, ягон авқоте намекунӣ, ки хўрда димоғи вай чоқ шавад, гушна бошад, сер шавад.

- Хуб, - гуфту кампир бузакашро ҷўшида камакак «атали сафедак» гуфтагӣ як зоти шариф ҳаст, ҳамонро сохт, дар тавоқ кашиду ҳамроҳи дуто нон ба дасти бачаш дод.

Бачаш омад, дастархонро пеши Абусолӣ партофт, нонро монд. Ин сўи авқот бача шишт, он сўи авқот Абусолӣ. Ҳалвофурўш нонро майда карда монд. Ҳолагӣ «атали сафедак» ҷўш, ки буд, як дам таъхир карда ба сўҳбат сар карданд. Ҳамин вақт ҳалвофурўш гуфт, ки:

-Амаки мулло, шумо гуфтед, ки ман як ҳалво кунам, ки тамоми одам дар болояш занозан кунад. Чӣ хел ҳалво мекунед?

Абусолӣ ба ҳалвофурўш гуфт, ки:

- Бурордар, саҳар аз ҷой мехезию аз ҳамин гирду наво будагӣ ҳамсояат, хешу таборат чилта хар мeёбӣ. Ба ҳамин чил хар чил ҷувол мeёбӣ. Ба чил ҷуволу чил хар аз лаби дарьё қум мебиёрӣ, дар рўи ҳавлӣ мерезӣ. Баъд аз

қума овардан, боз чил харро мебарию чил хар қамиш мебиёрӣ. Ҳамин қамишро реза мекунӣ, мо меполем. Саҳар ту ҳалворо аз мо мегирӣ.

Ҳалвофурӯш сухани Абӯсолиро гӯш карда, ҳайрон монда, тоқаташ намонд ва ба Абусолӣ гуфт:

- Буродар, худатон бисьёр одами хуб метобед, бисьёр одами намоёну аммо бисьёр суханҳои беҳуда мегӯед-дия. Кадом қум қати қамиш ҳалво шудааст?

Абусолӣ дам назаду ба таги гӯши ҳалвофурӯш кашидаю кушода ки зад, ҳалвофурӯш «воҳ» гуфта ғалтида, аз ҳуш рафт, чашмаш кушод, ки худаш дар як ҷои бегона.

Гуфт: - Ин ҷа гуҷо?

Ҳайрон шуда чор тарафашро нигоҳ кардан гирифт. Чор тарафро нигаҳ кардан гирифту бисьёр тарсида аз ҷояш хесту монанди саҳроиҳо «Ин ҷо кадом шаҳр?» гуфта мерафт, ки аз пеш Абӯалӣ Сино баромад. Абӯалӣ Сино, ки бисьёр одами боақлу ҳуш буд, ин одамро аз гашташу аз нигоҳаш фаҳмид, ки одами ин ҷо не. Таги гӯши ҳалвофурӯш омаду гуфт, ки:

- Акамулло, ассалому алайкум!

- Ваалайкум ассалом.

- Шумо аз куҷо?

- Э ман ҳолагӣ…

-Ҳа, чӣ шуд?

Ҳалвофурӯш ҳамон кори бо Абусолӣ  кардаашро нақл кард. Абӯалӣ Сино  фаҳмид, ки вай дар чанги Абусолӣ афтодааст. Гуфт:

- Шумо ҳалвофурӯш-мӣ?

- Ҳа, - гуфт, - ман шираворпази подшоҳ.

- Шумо дар ман даркор, марҳамат хона рафтем.

Аз ҳамин ҷо ҳалвофурӯшро Абӯалӣ Сино бурд ба ҳуҷрааш, шинонда ба пешаш нону чой карду гуфт:

- Канӣ шумо чорта ҳикоят кунед.

Гуфт:

- Буродар, ман ҳалво мефурӯхтам, шахсе омаду ҳалвои манро нигоҳ кард, як гард шикастаму додам. Хаёл кардам, ки вай гушнаю ташна, дилаш ба ҳалвои ман рафтааст. Лекин вай хоид-хоид, дангала кард, тарафи ман гуфт: «Ман як ҳалво кунам, ки тамоми олам ба болои вай ҳуҷум кунад». Ин гапро шунида, дӯконро маҳкам кардаму гирифтаму он шахсро хона мебурдам, ки дидам сару рӯяш дар даруни пашм, одами ёбоӣ барин, гуфтам: «Ба ҳамин сартарошхона дароед, худатона тоза кунед». «Майлаш» гуфт. Даромад, худашро тоза кард. Одам барин кардему ба хона бурдем. Модарамро гуфтам: «Бисьёр меҳмони хуб омадааст, як авқотак кун, ки вай гушна набошад». Модарам хест, як бузак дошт, ҷӯшиду як «атали сафедак» карду ду та нон қатӣ мо гирифтему пеши меҳмон овардем. Авқот, ки ҷӯш буд, нона шикастем гирди тавоқ мондему акнун то хунук шудан, ман хостам, ки ба ҳамон меҳмон гӯям, ки: «Буродар, шумо гуфтед, ки ҳамин хел ҳалво мекунед, чӣкор мекардед, ки шумо  ҳамин хед ҳалво мешудааст?». Он кас ман гуфтанд. Ки: «Пагоҳ чил харё ба, чил ҷувол ёб, чил хар қум биёр. Ман як ҳалво кунам, ки

дар олам набошад». Аз ин гап ман хашмнок шудаму фикр кардам: «Ин одам манро масхара кард.» ман гуфтам: «Буродар, шумо одами боақлу боодобу гапатон бемезза-дия!». Ҳаминро гуфтанамро медонам, ки кашидаю кушода ба таги гўшам зад, «воҳ» гуфта ғалтидам, аз ҳуш рафтам, чӣ шуданашро надониста, чашмамро кушодам, ки дар ҳамин  шаҳр. Ин ҷо куҷо? Шумо гўед!

- Ин ҷо шаҳри Туркия!

- Аз шаҳри ман то шаҳри Туркия чӣ қадар роҳ?

- Ҳисоб надорад.

- Пул доред-мӣ? – пурсид Абўалӣ Сино.

- Не, - гуфт вай.

Як панҷ дона тилло Абўалӣ Сино ба дасташ дод. «Инро ҳарчӣ кунед» гуфта.

- Шумо мехоҳед, ки ба ватанатон равед ё дар дасти ман хизмат кунед?

Гуфт!

- О, ман др инҷо хизмат кунам, ман модар доштам, вай модари ман акнун чӣ мекунад?

Вақто ки Абусолӣ ин корро ба ҳалвофурўш карда буд, «кампири модари ин бача хавос нашавад» гуфта илм қатӣ ҳамон саги дари хонаашро ҷоду кард. Саг бачаи кампир шуда, дарун бурен баромада гашт. Кампир хабар набуд. Абўалӣ Сино гуфт, ки:

- Меравед-мӣ набошад?

- Ҳа, гуфт.

- Чашматонро пўшед, - гуфт.

- Чашмашро пўшида буд, ки Абўалӣ Сино мисли Абусолӣ кашидаю кушода ба таги ҷоғаш ки зад, вай «воҳ» гуфту ғалтид. Чашмашро кушод, ки дар пеши Абусолӣ. Ҳамон тавоқи аталаю ҳамон нони майда кардагию ҳамон атали сар нокардагӣ истодааст. Ана акнун бача ҳамчунон тарсид, ки гуфт: «Акнун аз давра як қадам берун бароям, мемурам. Акнун чӣ гўяд, ман ба вай хизмат кунам». Абусолӣ гуфт:

- Буродар, акнун ин атала хунук шуд-ку, хўрем.

Канӣ акнун ин гўшашро ҷумбонад! Ҳадаҳа нонро гирифту атала катӣ хўрдан гирифт. Гашта ин бача мехост, ки ба очаш рафта ҳамин масъаларо баён кунад. Бача хеста ба хона меравам гуфтагӣ вахт Абусолӣ  боз дуо ханд, саг асли қадим шуд, бача пеши модараш рафту гуфт:

- Модар, ту сиҳат-саломат ҳастӣ?

- Ҳа, ман сиҳат-саломат.

- Охир ман ду рўз набудам, аз ман ту хавос нашудӣ?

- Ҳа рўят сиёҳ! Нав аз хона баромада рафтию боз чӣ гапи дурўғ мезанӣ?

Бача боз ҳайрон шуд, дигар гап назаду пеши Абусолӣ омад.

- Канӣ акнун тараддуд кунед, хара биёред! – гуфт Абусолӣ.

Дигар ҳақ дорад, ки «не» гўяд. Тараддуд кард, чил харро ёфт, чил ҷуволро ёфт, чил хар қумро овард, дар рўи ҳавлӣ рехт. Баъд чил харро гирифта рафту чил хар қамиш овард. Қамишро реза карду дар даруни  қум якҷоя карду чор чодари калонро дар болои қуму қамиш пўшонда бобо карду Абусолӣ ба ҳалвофурўш гуфт:

- Рав ба хона, хоб кун!

Ин рафт ба хона, хоб кард. Саҳар бача баромад, таътўлро бо ҳамироҳии Абусолӣ кард. Абусолӣ гуфт:

- Хез як ҳалворо хабар гирем, канӣ!

Омаданд, чодарро бардоштанд, ки ҳар тахтаи ҳалво, ки мегўед, гўё аз ҳалвохона нав баромада бошад. Бача дар ин бобат хурсанд шуду гуфт: «Ман хато карда будаам, мардакро ҳунараш ин».

Ду тахтаро бача бор карду бурд ба бозор. Ҳақиқатан ҳамон гапи гуфтагии Абусолӣ омад, ҳамчунон болаззат, ҳамчунон хушранг, ки ба одамҳои шаҳр навбат намерасад. Червонро болинча барин бардошта, оварда, холӣ карда истодааст. Ҳамон ҳалворо понздаҳ-бист рўз фурўхт, ҳолӣ нимаш ҳам тамом нашудааст.

Як рўз дар бозор ҳалво фурўхта шишта буд, ки духтари подшоҳ юзбош савор шуда ҳаммом мерафт. Ҳаммом мерафт, ки тифоқо дар роҳ дид, ки одамҳои бисьёр тўпаланг доранду дар мобайнашон як шахс чизе мефурўшад. Духтари подшоҳ фармуд ки юзбошро қарор диҳад. Қарор дод, духтари подшоҳ чашмбандро аз рўяш бардошту тарафи ҳалвофурўш нигоҳ кард. Чашми ҳалвофурўш ба тарафи духтар шуд. Ҷамоли духтарро диду хушдор шуд. Шаб, ки шуд, дўконҳоро маҳкам кард, червонҳоро басту хона омаду меҳмонхонаро обзад, бўрьёро партофт, дар болояш об зад, куртаро боло кард, сандуқи синаро яла монду гирья карда хоб карда буд, ки Абусолӣ омад.

- Ҳа, бурodар, чӣ шуд? – гуфт.

- Э, ҳеҷ чиз не, - гуфт.

- Не,- гуфт, - ту бе ҳеҷ гап ин хел намекунӣ

Баъд гут, ки:

-Духтари подшоҳ дар юзбош савор шуда гузашт, ҷамолашро дидаму бисьёр хушдор шудаму омадам дар ҳамин ҷо рўи дилам тафт карда истодааст.

- Канӣ, дасту рўятро тоза кун, либосҳои тўйравӣ пўш, тўппа-тўғрӣ аз пеши подшоҳ гузашта рав, дар ўрдаи духтар даро, сўҳбат кун. Мехоҳӣ, ҳамон ҷо сўҳбат мекунӣ, аз дасташ мегирию пеши подшоҳ катӣ оварда хонаатон сўҳбат мекунӣ, - гуфт Абусолӣ.

Бача, ки шасти Абусолиро хўрдагӣ буд, гапашро ду накард.

- «Ин ягон ҳунар дорад, ки ҳамин тавр мегўяд» - гуфт дар дилашу хеста арки подшоҳ катӣ гузашта ба ўрда даромад, пеши духтар рафт, духтар бо канизҳо сўҳбати калон дошт. Бача шишт ба пешаш, дасташро ба сари зонуи духтар якта заду гуфт:

- Балота гирам, фалон рўз ман ҷамоли туро дида будам, пеши ту омадам, мехоҳӣ ҳавлии мо равему чорта сўҳбат кунем?

Духтар аз берўгии ину аз ғайрати ин чизе гуфта натавонист. Бача аз дасти духтар гирифту пеши падараш катӣ гузаронду овард хона. Баъд шаробу авқоти нағзро  фармуду кайфу сафоя зўр карду то бегаҳ гирифт, хоб карду аз ҳамон ҷо боз пеши подшоҳ катӣ оварда ба ҷояш монд.

Акнун қиссаро кӯтаҳ кунем, рӯзе аз рӯзҳо духтари подшоҳ ҳомила шуд. Аз ин воқеа канизони духтар бохабар шуданду гуфтанд, ки: «Худо дар тори сарамон дудаста зад! Ин подшоҳ пагаҳ мефаҳмад, сари ҳамамонро мегирад».

Якта канизи духтар ба пеши  подшоҳ рафта гуфт, ки:

- Подшоҳи олам, ҳозир айни вақташ. Мо бояд аз гарданамон соқит кунем, дар қади духтаратон ҳомила пайдо шудааст. Аз гуҷо ва аз кӣ буданашро мо намедонем.

Аз ғазаб раги пешонии подшоҳ думчаи қамчин барин хест. Духтарро гирифта оварданду дар пеши падараш шинонданд.

Падараш гуфт, ки:

- Падарнаълат, ин худаш чӣ гап?

- Э падар, аввал пурсишу баъд кушиш. Ту аввал аз ман сухан гир, баъд манро куш. Худи ман ҳам дар ин кор ҳайрон. Як йигити нозанин омад, аз пеши посбонҳои ту гузашта ҳамин хел рафт, дар пешам шишт, сӯҳбат кард, аз дастам гирифту аз пеши посбонҳо гузаронд, бурд  дар хонаааш, ҳамроҳи ман сӯҳбат  кард, хуфтухоб кард ва боз оварда монд. Ту мегӯӣ, ки худаш чӣ гап? Ман ба ту чӣ гӯям?

- Ҳамин хе-мӣ?- Гуфт подшоҳ. – хуб, ин хел бошад, чораи инро ман меёбам. Гапе, ки ман мезанам. Аз хотир набарор. Ҳамин ки вақти омад-омадашро донистӣ, дар пешат ба як зарф ранги сурхро андохта мон. Вақте ки омада сӯҳбат карду ба хонааш таклиф кард, ҳамин дасти чапатро оҳиста аз остин барору ба ҳамон зада гир. Бо дасти ранголуд ҳамроҳаш рав. Вақте, ки ба хонааш омадед, вай пеш медарояду ту аз қафо. Ҳамон вақт ҳамин панҷаатро дар дарвозааш часпону даро, саҳар ин падарнаълатро ёфта мегирам.

Духтар дасти ранголудашро дар дарвоза часпонду даромад, ҳамроҳи бача сӯҳбат кард. Дар ҳамин вақт Абусолӣ таҳорат мешиканамгуфта, аз давроза берун баромад. Дар як ҷои васеъ торат шикасту хесту рӯяш ба тарафи дарвоза оҳиста-оҳиста меомад, ки дар дарвоза паи панҷаро дида монд. «Ӯҳӯ, аллакай аз ин кор подшоҳ хабардор шудаанд-ку?» - гуфт дар дилаш. Гашта рафта дасташро шушту аз замин як каф хокро гирифта, як дуоро хонду ба рӯи шаҳр пошид. Саҳар одамони подшоҳ тафтиш карда диданд, ки дар шаҳр чӣ қадар иморат бошад, дар дари ҳамааш ҳамин хел панҷа кашидагию ҳамин ранг ҳаст. Гуфт: «Оллоҳ Акбар! Ин одами андак бошад, ин корро мекард-мӣ? Аз ин хел одам тарсидан даркор, эълон кардан даркор, ки ҳамин духтар аз вай, мо аз ин хашм гаштем».

Даррав ҷарчӣ монда эълон кард, ки: «Ҳар касе, ки ба ҳамин духтари ман алоқа кардаасту дӯст доштааст, худашро маълум кунад, духтарро ба вай никоҳ карад диҳам».

Бача ин гапро шунида ба Абусолӣ гуфт:

- Равам-мӣ?

- Рав, - гуфт Абусолӣ.

Бача рафт, подшоҳ ҳамин хел як нигоҳ карду ҳеҷ чиз нагуфта ба мулло ишорат карда:

- Никоҳ карда диҳед, гирифта равад, - гуфт.

Духтаро ҳалвофурӯш ба хонааш гирфта бурда, баҳузур дар кайфу сафо буд, ки Абусолӣ ба ҳалвофурӯш гуфт:

- Буродар, бо як даҳон гапат ба ҳамин қадар мартабаҳо расонидам. Иҷозат деҳ ки акнун мо равем. Мо ҳам буродар дорем, хеш дорем, табор дорем.

Ҳалвофурӯш ӯро дудаста маҳкам гирифта  ба ягон ҷой рафтанӣ намонд. Абусолӣ гуфт:

- Не, ту маро манъ карда наметавонӣ!

Абусолӣ хайрухуш карду рост ба пеши Абӯалӣ Сино рафт. Пеши Абӯалӣ Сино рафту дуяшон шиштанд, сӯҳбат карданд. Баъд Абусолӣ гуфт:

- Буродар, мою ту аз чӣ метарсем? Китоби «Ал-қонун»-ро азхуд кардем, ҳамон подшоҳ чӣ коре мекунад, кардан гирад, мо наметарсем, рафтем ба шаҳри худамон!

Абӯалӣ Сино ва Абусолӣ хестанду рост ба шаҳри худашон омаданд. Онҳо як хоҳар доштанд, хоҳарашон аз омадани акаҳояш хурсанд шуд. Онҳо як-ду рӯз гашта, орзӯи тамошои Юнонро карданд. Дар он вақт Юнон бисьёр мамлакати таърифӣ буд ва дар ривоҷи  ҳар хел илмҳо ном бароварда буд. Абӯалӣ Сино орзу кард, ки ба Юнон рафта, он ҷоро тамошо кунад.

Ба Абусолӣ гуфт, ки:

- Биё, ҳамроҳ равем!

Ин гуфт, ки:

- Не, акнун ман бисьёр гаштам, худат рав!

Баъд хоҳари Абӯалӣ Сино гуфт:

- Ман ҳам меравам!

- Хайр, майлаш,  - гуфт Абӯалӣ Сино.

Абӯалӣ Сино хоҳарашро ҳамроҳ гирифту ба Юнон рафт. Дар Юнон ин сӯ-он сӯро  нигаҳ кард, ки як марди новой нон пухта истодааст. Вай пеши нонвой рафту гуфт:

- Буродар, ягон ҳуҷрае ёфта наметавонед, ки мо ҳамин шаб хоб кунему пагоҳ ба роҳи худ равем?

Вай бечора нонвой бисьёр одами аҳли фаҳм будааст:

- Мана ҳамин болохона аз шумо, марҳамат, - гуфт.

Абӯалӣ Сино хоҳарашро гирифта ба болохона баровард, сӯҳбат карданд, баъд гуфт, ки:

- Хоҳарам, ин ҷойро Юнон мегӯянд, ин шаҳр бисьёр илмҳои баду нек дорад. Мабодо ту тирезаро кушода ба берун нигоҳ накун. То омадани ман тирезаро накушо. Вақте ки ман омадам, ҳардуямон ба тамошо меравем.

Ин суханро ба хоҳараш гуфту худаш баромада, шаҳри Юнонро сайр кард. Духтар худ ба худ фикр кард, ки: «Бародарам як гуфтанду монданд-дия, канӣ ин кӯчаро як тамошо кунам ман».

Тирезаро кушода ба берун нигаҳ кард, ки як марди мӯйсафед як харро савор шуда, почаҳош кашол, бе узангу омада истодааст. Духтар сарашро аз дарича берун карда буд, ки мӯйсафед дуое хонда пуф кард. Якбора аз ду чаккаи духтар як метрӣ душ ох баромад. Духтари бечора дигар сарашро

дарун карда натавонист. «Оббо, гапи бародарам рост будааст»- гуфта. Ҳайрон шуда истода буд, ки Абӯалӣ Сино омад.

Абӯалӣ Синод дид, ки аз ду чаккаи хоҳараш ду шохи якметрӣ баромадааст. Каме хафа шуду ҳеҷ чиз нагуфт, оҳиста ба пеши нонвой фаромад, ба вай гуфт, ки:

- Буродар, чӣ қадар орд дорӣ?

Гуфт:

- Сад ман.

Баъд гуфт, ки:

- Ту ҳамин ордро то субҳидам нон пӯхта метавонӣ?

Нонвой ҳайрон шуд, ба дилаш фикр кард, ки: «Во аҷабо! Ман ҳар рӯз ду хамир мекунам, ҳамон ҳам ба фурӯш нарафта мемонаду ин одам ба ман ин хел мегӯяд». Баъд гуфт:

- Буродар, нон мемонад.

Гуфт:

- Корат набошад. Пагоҳ ҳамчунон кор шавад, ки дар болои нони ту ҷангу ҷидол шавад. Лекин ба шарте, ки аз ҳозир ту ба пухтани нон сар кунӣ. Аммо ба касе ин сиро изҳор накун!

- Хуб, - гуфт нонвой ва ба пухтани нон шурӯъ кард.

Абӯалӣ Сино як каф хокро аз замин гирифта, дуое хонд ва ба болои шаҳр пошид. Аз ҳамон шаҳр оташ тамоман барҳам хӯрд. Саҳар мардум хестанд, ки дар ҳеҷ ҷой оташ нест, ҳамсоя  ба ҳамсоя медавад, оташ нест. Ба ҷои дуру наздик  мераванд, оташ нест. Нони гарм дилашон мекашад, дар нонвой оташ нест. Чӣ кор карданашонро  нафаҳмида, ҳама дар ҳайрат шуданд. Шахсе аз одамони шаҳр гуфт:

- Дар фалон канори шаҳр як нонвойхона кор карда истодааст.

Тамоми одамҳо  ба ҳамон  нонвойхона ҳуҷум карда омаданд ва ҳақиқатан нони онро ҳамчунон тала карданд, ки гуфтан надорад. Нонвой дар дилаш гуфт, ки: «Ин мард аҷаб шахсе будааст. Чӣ гапе. Ки занад, ҳамааш шуда истодааст. Ин чӣ ҳодиса бошад?». Аз бардошта шудани оташ нонвой хабар надорад. Бисьёр, ки халқ дар азоб монд, аркони давлат худ ба худ фикр карданд, ки: «Шояд дар шаҳри мо Абӯалӣ Сино ё Абусолӣ омада бошад. Чӣ кор кардан даркор? Эълон кардан даркор, ки вай ба пеши подшоҳ биёяд».

Подшоҳ эълон кард, ки: «Агар дар шаҳри мо Абӯалӣ Сино ё Абусолӣ меҳмон шуда бошад, ба пеши подшоҳ марҳамат кунад».

Ҳақиқатан Абӯалӣ Сино ин гапро  шунида пеши подшоҳ рафт. Подшоҳ ӯро бо иззату икром пешвоз гирифт, ҳардуяшон шишта сӯҳбат карданд. Баъди маҷлису сӯҳбат подшоҳ ба Абӯалӣ Сино гуфт:

- Э, буродар, шаҳри мо бе оташ монд, охир, ин чӣ хел шуд? Ман фаҳмидам, ки шумо омадеду ҳамин кор рӯй додаст. Ягон гуноҳе аз мо гузашт ё нагузашт, мо намедонем. Мо ҳайрон шуда, шуморо даъват кардем.

Абӯалӣ Сино гуфт:

- Э буродар, мо ба шаҳри шумо барои сайр омадаем. Хоҳарчае доштем, ба болохона мондему худамон ба тамошои шаҳр рафтем. Ҳамин духтарак сарашро аз тиреза берун кардааст. Кадом шахсе аз фуқарои шумо дуое

хондааст ва аз ду чаккаи сари хоҳари ман ду шох баромадааст. Агар бовар накунед, бинед ҳозир ҳамон тиреза истодааст.

Подшоҳ инро шунида ба халқаш эълон кард, ки шахси ин корро кардагиро ёфта биёранд. Як мӯйсафедро ёфта оварданд, гуфтанд, ки:

- Ин корро ана ҳамин кас кардааст.

Марди мӯйсафед рафт, дуоеро хонда пуф кард, ки шох аз чаккаи духтар бартараф шуд.

Подшоҳ гуфт:

- Акнун оташро як навъ карда ҷорӣ кунед!

Абӯалӣ Сино гуфт:

- Оташ аз шаҳр берун, дар болои шолипая хоб аст. Меравем, аз ҳамон ҷой роҳи оташро мекушоем.

Муйсафед рафта думи модасагро бардошта, пуф карда буд, ки оташ фаххосзанон баромада, сару рӯи мӯйсафедро сӯзонд, на риш монд, на мӯй. Бо ҳамин дар шаҳр оташ аз нав пайдо шуд. Қасоси хоҳарашро Абӯалӣ Сино аз мӯйсафед гирифт. Баъд ба боргоҳи подшоҳ иҷозат талабид:

- Акнун ба мо иҷозат шавад, мо равем. Шаҳратонро тамошо кардем.

Абӯалӣ Сино ва хоҳараш аз ҳамон ҷо хестанд, рост ба ватани худашон ба назди Абусолӣ рафтанд. Абусолӣ ва Абӯалӣ Сино бо якдигар мулоқот карданд. Абӯалӣ Сино ба Абусолӣ гуфт, ки:

- Бародар, дигар аз ҳеҷ чизи дуньё ғам нахӯр. Куҷое, ки мегардӣ, мехезӣ ва хоб меравӣ, дигар хавфу хатар нест.

Онҳо ба кори худашон машғул шуда гаштанд, дигар ҳеҷ кас ба онҳо тааддӣ карада натавонист, на мулло, на эшон, на ҳоҷӣ ва на подшоҳ.

27

## СИНО ВА ИЛМИ СИМИЁ

Абӯалӣ Сино ва Абулҳорис дар музофоти Бухоро дар мавзеи Шаж таввалуд ёфтаанд.

Дар дувоздаҳсолагиашон ҳамаи илмҳои дар Бухоро будагиро аз худ карданд. Баъд ду бародар бо иттифоқ ҳавои қаландариро ихтиёр карда, аз мамлакати Бухоро баромада рафтанд. Шаҳр ба шаҳр гашта охир дар Мағрибзамин дохил шуданд.

Дар Мағрибзамин дар як шаҳре «Гумбази даввор» гуфтагӣ китобхона буд, ки дар давраи ҳазрати Довуд ва Сулаймон Фишоғурс ном олим ва ҳакими доно дар зери замин сохта, ҳама китобҳои ҳикматнокашро дар он ҷо чинда, тилисм карда будааст.

Вай китобхона ҳар сол як бор, дар вақти муайян се соат кушода мешудааст. Баъд аз се соат дарвозаи гумбази китобхона худ ба худ пӯшида мешудааст.

Абӯалӣ Сино ва Абулҳорис авқоти яксоларо ғам хӯрда, дар даруни китобхона даромаданд, дар байни як сол ҳамаи китобҳои Фишоғурс баромада Абулҳорис ба шаҳри Миср ва Абӯалӣ ба шаҳри Бағдод рафтанд.

Абўалӣ чанд рўз дар шаҳри Бағдод сайру тамошо  кард. Охир фикр кард, ки: «Аз бекорӣ ҳеҷ фоида нест, бояд, ки бо қуввати илми Симиё  як ҳаммоми чилгумбазӣ бино карда, бо даромади ҳамон зиндагонӣ кунам».

Баъд аз ҳамин қарор Абўалӣ дар кўҳе рафта як дарахтро бурид. Аз як чўб сурати одамеро сохт, ба вай либос пўшонда зинда кард. Аз ҳамин хел одам, чил нафар ғуломбачаи хушрафтори ҳалқабаргўш ба вуҷуд овард. Ҳамаи онҳо ба якдигар хеле монанд буданд, аммо гап намезаданд.

Бо ёрии чил нафар ғуломбача  дар байни ҳафт рўз дар маркази шаҳри Бағдод як ҳаммоми аҷоиб бино кард. Вай ҳаммом чил гумбази кабуд ва чил равоқ дошт. Дар гумбаз чашмаи оби мусаффо муҳайё, тосҳои нуқраю лўнгиҳои суф бисьёр буд. Дар ҳар гумбаз як ғуломбачаи хушрўи ҳарирпўш мутасаддӣ буд. Ба ҳар яки онҳо хизматгоре – ходимчии лўнгибардоре муқаррар шуда буданд. Чунин  ҳаммомро халқи Бағдод ҳеҷ надида ва нашунавида буд. Барои ҳамин халқи Бағдод ҳаваси дидани ин ҳаммомро карда, гурўҳ-гурўҳ шуда ба он ҷо меомаданд.

Овозаи ин ҳаммом ба гўши подшоҳи Бағдод расид. Подшоҳ ҳамроҳи вазиру вузаро барои тамошои ҳаммом омад.

Ҳаммомро дида подшоҳ дид ва дар ҳайрат шуд ва гуфт: «Дар андак вақт барпо кардани ин хел ҳаммоми олимақом  ба ақл намеғунҷад. Дар ин ҷо ҳикмате ҳаст».

Подшоҳ ба боргоҳаш баргашта бо тезӣ Абуалиро ба назди худ талаб кард. Абўалӣ ҳам бо тезӣ дар хизмати подшоҳ ҳозир шуд. Бо ҳазор одоб таъзим ва тавозуъ баҷо овард.

Абуалиро дар қасри олӣ шинонда, бисьёр навозиш ва иззату икром карданд. Аз ҳад зиёд бо зиёфатҳои олӣ хурсанд карданд. Подшоҳ сару пои қиматбаҳо пўшонида, сарфароз кард.

Баъд аз дўстдорӣ ва иззату икром подшоҳ аз Абўалӣ воқиаи ҳаммомро савол кард:

- Дар байни ҳафт рўз бино кардани чунин ҳаммоми дилкушоро ақли ҳеҷ ҳикматшиносе намегирад, боис чӣ бошад?

Абўалӣ ғуломбачаи ҳамроҳаш рафтаро нишон дода гуфт:

- Э подшоҳи олам, султони бокарам, чил нафар ин қабил хизматгор дорам. Онҳо фармоиши маро бо ҷону дил қабул карда, дар муддати ҳафт рўз ин ҳаммомро батамом бино карданд.

Ҳар кадоми ин ғуломон чил ҳунарро медонанд. Яке аз ин ҳунарҳо ҳаммом сохтан аст. Ғайр аз ин онҳо боз сиюнуҳ ҳунари дигар доранд. Ҳар кадоми онҳо аз ин ҳаммом ҳар ҳафтае як ҳамиёнӣ зар даромад мекунад. Боз ҳунаре доранд, ки хоҳ дар ҳаво, хоҳ дар дарьё ҳар қадар кори мушкиле бошад, дар як чашм кушода пўшидан иҷро мекунанд. Боз як ҳунари онҳо ҳамин аст, ки дар роҳравӣ аз шамол ва паррандаҳо ҳам тездав ҳастанд.

Подшоҳ хушҳолу хуррам шуда гуфт:

- Э, ҳакими олимақом, ин ҳунарҳо ба халоиқ нишон дода, манзури назар шудан даркор!

Абўалӣ гуфт:

- Шоҳо, умратон дароз бод. Ин хел корҳоро дар байни халқ карда намешавад, барои  ин ҷои хилват даркор.

Подшоҳ барои фаҳмидани илми ҳикмат Абўалиро  дар хилватхонаи худаш гирифта даромад. Ҳамроҳи ҷавони аз чўб биношуда, се кас буданд, дигар касе набуд. Абўалӣ гуфт:

- Э шаҳриёри олам, чизе ки муддаояшон бошад, изҳор кунанд, ба ҳамон нигоҳ карда кор мекунем.

Подшоҳ гуфт:

- Э ҳаким ҳикматшинос, ман ба духтари подшоҳи шаҳри Сабо ошиқам. Ба умеди вай борҳо элчӣ – хостгор фиристодам, аммо қабул накард. Охир лашкар кашида, рафта ҷанг кардам, мағлуб шудам, илоҷе кунед, ки ҳамон духтарро як бинам.

Абўалӣ нисфи шаб буд, ки дар гўши ғуломи ҳалқабаргўшаш афсуне хонд. Ғулом ҳамон замон аз назар ғоиб шуд. Дар бадали як соат аз дасти духтари подшоҳи  шаҳри Сабо дошта гирифта омад.

Подшоҳ дидан ҳамоно ба ҷамоли духтар ошиқи шайдо шуда: «Во аҷабо, ин духтар Зулайхои сонӣ будааст-ку» гуфт, сабру қарораш намонд ва ақлу ҳушашро гўм кард.

Подшоҳ баъд аз як соат ба ҳуш омад ва ба ғуломбача таҳсину офарин хонда гуфт:

- Э ҳакими оличаноб! Ба ҳикмати шумо ақлу фаҳми мо ҳайрон монд. Аз асли ин кор моро воқиф ва огоҳ кунед!

Абўалӣ гуфт:

- Э подшоҳи олам ва шаҳриёри бокарам! Ҷавоби ин саволро аз худи меҳрнигори париваш пурсед!

Подшоҳ аз духтар савол кард. Он духтари нозанин гуфт:

- Э подшоҳам, агар аз гуноҳи ман гузаред, аввал ман як савол кунам, баъд аҳволи худамро баён кунам:

Подшоҳ рухсат дод. Духтар пурсид:

- Ин шаҳр кадом шаҳр аст, ин ҷой чӣ хел ҷой? Шумо ҷанобашон кистед? Ин азиз чӣ хел одам ҳастанд?

Подшоҳ ба ин савол ҷавоб дод. Баъд аз он духтар гуфт:

- Ман духтари подшоҳи шаҳри Сабо ҳастам. Падарам аз барои ман дар дарун ва беруни қасри шоҳона чорбоғе бино кардааст. Чӣ қадар канизҳои соҳибҷамолро ба ман посбон ва хизматгор карда мондааст. Ҳамаи мо ба хоби ноз будем, ки ин ғуломбача аз дастам дошта, оҳиста кашид, бо муомилаи мулоим ишорат кард. Ба чунин ҷои мустаҳкам нотарсида даромадани ин ҷавон ва бо ишорат даъват кардани ў ба назари ман аҷоиб намуд. Ман ҳайрон мондам, нишастам. Аз ҳар тарафам ба танобе кашидаги барин шуд, ба ман ихтиёри саркашӣ кардан намонд. Аз қафои ҳамин ҷавон омада, ҳозир худамро дар ин кўшки зарриннигор дида истодаям. Ман дигар ҳеҷ чиро намедонам.

Баъд подшоҳ ба кору ҳикмати нишондодаи Абўалӣ таҳсин ва офарин кард. Иззати Абуалиро ба ҷо овард. Подшоҳ фаҳмид, ки ин корҳо ба қуввати илми симиё  иҷро карда шудааст.

Баъд субҳи содиқ шуд, барои духтари шоҳ як қасри шоҳона, чорбоғи гулу гулзори ҷаннатмақом таъин карда, онро бо палосҳои абрешимӣ оростанд. Чанд нафар канизакони нозанин ва хизматгорони боадаб ҳамроҳ шуда, ба нағмаю усул духтари подшоҳи шаҳри Сaборо ба қасри подшоҳӣ овarданд. Духтар гирья карда гуфт:

- Худоё, ин чӣ аҳвол, ин чӣ ғаму кулфат, ки ба сари ман андохтӣ?

Аз ин бахту тахт вай норозӣ буд.

Подшоҳи Бағдод ба тахташ баромада, як шаби дароз бо Абӯалӣ сӯҳбат кард. Вазирон ва аркони давлатро ба назди худ талаб карда, Абуалиро таъриф карда, гуфт:

- Ин ҳакими доно дар байни як соат духтари подшоҳи шаҳри Сaборо ба пеши мо овард.

Ин суханро аз даҳони подшоҳ шунавида, аркони давлат ҳама ба Абӯалӣ таҳсин ва офарин хонданд. Подшоҳ Абуалиро вазири аъзам таъин кард.

Баъд аз ин корҳо бо маслиҳат ба подшоҳи шаҳри Сабо тӯҳфа ва ҳадьяҳоро тайёр карда, ҳамроҳи элчӣ нома фиристоданд.

Акнун чанд калима аз подшоҳи шаҳри Сабо шунавед.

Рӯзе, ки духтари подшоҳи шаҳри Сабо дар вақту соати худ аз хоб бедор шуда, аз хонааш баромаданаш даркор буд, набаромад, канизакҳо ва посбонҳо бетоқат шуданд ва охир маҷбур шуданд, ки дари хонаи духтарро кушода хабар гиранд. Нигоҳ карданд, ки духтар дар ҷои хобаш нест. «Дарҳо маҳкам, посбонҳо ҳама бедор, хоб накардаанд, духтар аз куҷо баромад рафтааст?» гуфта хизматгорҳо дар ҳайрат шуданд, ҳама ҷои сарой ва боғро кофтукоб карданд. Аз духтар нишоне набуд, ноилоҷ, тарсидаю ваҳмида ба подшоҳ хабар расонданд.

Подшоҳ ин хабарро шунавида аз ҳуш рафт. Баъд аз як соат ба ҳуш омад. Уламо ва ҳукаморо ҷамъ карда, воқеаро баён карданд. Баъзеҳо гуфтанд:

- Ин сеҳру ҷоду аст.

Боз баъзеҳо гуфтанд, ки:

- Ин кори ҷин аст.

Дигар гуфтанд:

- Ин илми нуҷум аст!

Боз баъзеҳо гуфтанд, ки:

- Э подшоҳи олам, ин қуввати илми симиё будагист, чунки дар шаҳри Бағдод ҳакими арастусифате пайдо шудагӣ, духтаратонро ҳамон кас гирифта рафта бошад аҷаб нест.

Дарҳол подшоҳ дар ғазаб шуд ва амр кард, ки:

- Лашкар ҷамъ карда, рафта шаҳри Бағдодро талаю тороҷ кунед, духтарро сиҳату саломат гирифта биёред!

Амри подшоҳ ба вазирҳо маъқул нашуд, онҳо гуфтанд:

- Э, подшоҳи олам, ҷони мо фидои шумо шавад. Подшоҳи Бағдод бисьёр подшоҳи бузург аст. Аскари вай аз ситора ҳам зиёдтар аст.вай чанд бор духтари шуморо ба ҷӯфти пурсида буд, шумо розигӣ надодед. Дили вай, ки дар роҳи ишқ сӯхта буд охир ба сарамон лашкар кашида омад. Ба сабаби

ҷанг мамлакат хароб шуд. Чӣ қадар хунрезии ноҳақ шуд. Чӣ қадар падар, модарҳо аз фарзанди азизашон ҷудо шуданд. Чӣ қадар фарзандҳо сағир монда, бе падар шуданд. Ҳисоби кулфате, ки ба сари халқ афтода буд, худо медонад. Ба ҳазор меҳнату машаққат аз он балои ҷанг халос шудем. Акнун маъшуқааш ба дасташ, алалхусус, Абӯалӣ барин ҳакими доно дар тасарруфи вай аст. Ҳамин вақт ҳазрати Сулаймон зинда шуда, подшоҳ шавад ҳам, ба подшоҳи Бағдод баробар омада наметавонад. Давои ин дард сабр аст. Ба ҳар ҳол подшоҳи Бағдод ҳам оқил, ҳам доно, ҳам зирак аст, эҳтимол, нома навишта маълум кунад ва ё элчӣ фиристад.

Ин маслиҳати насиҳатомез ба подшоҳ маъқул шуда, ноилоҷ кардан ба сабр кардан моил шуд.

Бо маслиҳати оқилонаи аҳли сарой пеши ҷангу хунрезӣ гирифта шуд.

Баъд аз чанд вақт аз Бағдод элчиҳо расида омаданд. Элчӣ ба назди подшоҳ даромада таъзим ба ҷо овард, тӯҳфа ва ҳадьяҳоро тақдим карду номаро супорид. Вазир дар ҳузури аркони давлаташ номаро бо овози баланд хонд. Мазмуни кӯтоҳи нома ин буд: «Баъд аз салому калом маълуми хотир шавад, ки ҷаноби олӣ ба даруни пардаи исмат фарзанди нури чашмашонро нигоҳ медоштанд. Чанд маротиба хостгор фиристодам, қабул накарда буданд. Охируламр воҷибтаоло ба камина як ҳакими афлотунтабъ ва арастусифат  равон кард, ки ин ҳаким бо илми ҳикмат дар байни рӯз як ҳамоми ибратнамои чилгумбазнок бино кард. Чил ғуломи зеборӯю хушсурат дорад, ҳамаашон ба як шаклу ба шамоил ҳастанд. Ҳар яки онҳо дар як гумбази ҳаммом таъин шуда, ба ҳар кадомаш як хизматгор муаккал аст. Ҳар як ғулом чил ҳунар дорад. Яке аз ҳунарҳо ин аст, ки яке аз он ғуломон духтари шуморо дар байни як соат аз шаҳри Сабо ба шаҳри Бағдод гирифта омад.

Ман он ҳакими пурдонро ба худам вазири аъзам таъин кардам. Таърифи ӯро гуфта тамом карда намешавад. Э подшоҳи олиҷаноб! Аз шумо илтимос мекунам, ки дар фурсати наздик ба мамлакати мо ташриф намоед. Бо ҳамин сабаб ҳаммоми ибратномаро тамошо карда,  нури чашми ҳурталъататонро дида. Ба ҳамин баҳона аҷаб нест, ки дидани дидори шуморо облотаоло ба камина ҳам насиб гардонад. Панҷ-шаш рӯз меҳмон шуда, каминаро хурсанд ва мамнун мекунед, гӯён умедвор ҳастем!...»

Нома ба ҳама аҳлисарой ва подшоҳ мақбул шуд.

Баъд аз он ба Бағдоди шариф рафта, дидани он ҳаммоми ибратнаморо орзу карданд. Подшоҳ ҳама аҳли саройро барои ба сафар тайёр шудан амр дод. Элчиҳои аз Бағдод омадаро бо обу зиёфатҳои бисьёр, бо иззату эҳтиром гусел карданд.

Баъди чанд вақт подшоҳи шаҳри Сабо, бо чӣ миқдор лашкари ханҷаргузор, шогирдпешаҳои ҷаррор ва аркони давлат, тӯҳфаҳои бисьёрро ба хачиру  уштурҳо бор карда, ба савлату дабдаба ба роҳи Бағдод равона шуд.

Подшоҳи шаҳри Сабо чанд вақт манзилу мароҳил тай карда ба Бағдоди шариф наздик шуд. Подшоҳи Бағдод инро фаҳмида, бо аркони давлат ва аъёни вилоят аскарҳояшро даста-даста, гурӯҳ-гурӯҳ карда ба тартиб овард.

Пеш пеши онҳо духтари подшоҳи шаҳри Сабо ба асп сувор карда, ба пешвози падараш баровард.

Подшоҳи шаҳри Сабо фарзанди арҷмандашро сиҳату саломат дида, хушвакт ва хуррам шуд. Азду тараф ғаму ғуссаҳо дур шуд. Подшоҳи Бағдод ҳам расида омад ва ҳар ду подшоҳ мулоқот ва сипосу миннатдорӣ карданд. Подшоҳи Бағдод меҳмонҳоро ба қасри худ таклиф кард. Подшоҳи шаҳри Сабо тӯҳфа ва ҳадьяҳои овардагиаш – ғуломони зарринкамар, канизҳои соҳибҷамол, асбобу анҷом ва аслиҳаҳои бо гавҳарҳои шабчироқ, ҷавоҳирҳои қиматбаҳо зебу зинат додашударо тақдим кард.

Подшоҳи Бағдод ҳиммати подшоҳи шаҳри Сaборо дида, ҳазор шукр ба ҷо овард, ҷаҳон-ҷаҳон хурсанд шуд, ки ҳеҷ вақт ин хел хурраму хушҳол нашуда буд.

Баъд Абӯалӣ ва подшоҳи шаҳри Сабо ҳамсӯхбат шуданд. Подшоҳи шаҳри Сабо Абуалиро дида: «Аҷаб ҳакими роҳнамуни рӯзгори олам менамояд» гуфт ба дили худаш.

Абӯалӣ бо фармоиши подшоҳи Бағдод, ба воситаи қуввати илми симиё як макони хушу хуррам ва як гулистони ҷаннатнишон пайдо кард, ки подшоҳи шаҳри Сабо бо тамоми аскару лашкараш дар он ҷой шуд. Дар он макони фирдавснишон як тахти олии зарнигор, ки ҳамааш аз лаълу ёқуту забарҷаду дурру ҷавоҳирҳо мурасса буд, гузоштанд. Қасри шоҳона ҳам ба ҳамон мувофиқ буд, ки шуълаи вай ба офтоби ҷаҳонтоб ғалаба мекард.

Подшоҳи шаҳри Сабо ва аркони давлаташ вай қасри шоҳонаро дида, таҳсин ва офарин карданд.

Подшоҳи Бағдод дар он боғ – дар он гулистони ҷаннатнишон меҳмонҳоро чил шабу рӯз зиёфат дод. Ҳама шод ва хуррам шуданд.

Баъд аз зиёфатҳо подшоҳи шаҳри Сабо орзӯи тамошои ҳаммоми ибратномаи Абуалиро кард. Абӯалӣ аз ҷояш бархост, дасташро алифлом карда, аз подшоҳ барои меҳмонҳоро зиёфат кардан иҷозат гирифт.

Дар роҳи ҳаммом бо қуввати илми Симиё як боғи марғузори ҷаннатнишон бино кард, ки дар он ҷо меваҳои рангоранг, гулу райҳонбисьёр буданд, мурғону булбулони хушхон нағмасарои мекарданд.

Дар қасри дар даруни боғ будаи подшоҳ канизакони соҳибҷамол ба мисоли ҳуру ғилмонҳо бозию ишрат карда мегаштанд.

Абӯалӣ боғро тайёр карда, подшоҳи шаҳри Сaборо аввал ба ҳаммом таклиф кард. Подшоҳи бо аркони давлаташ ба ҳаммом даромад ва дид, ки ҳаммом хушҳаво, шоҳсуфаҳои сулаймонӣ дорад дар ҳавзҳояш лаб ба лаб оби мусафои форам, моҳиҳо бо шавқу завқ ҷавлон зада оббозӣ мекунанд. Даруни ҳаммом ҳамчунин тозаю озода буд, ки оина барин акси одам менамуд. Дар ҳаммом чил нафар ғуломбачаи париваши зулфдори зарринкамар буд, ки ҳар кадоми онҳо дар як равоқи ҳаммом аз барои хизмат даст ба сина карада меистод. Онҳо ҳеҷ сухан намекарданд.

Подшоҳи шаҳри Сабо як ғуломбачаро дар гӯшае оварда савол кард:

-Шумоён хизматгори зархариди Абӯалӣ мешаветон?

Вай ҷавобе надод.

Подшоҳ бо ақлу фаросати худ фаҳмид, ки ин ҳама қуввати илми симиё аст. Ба Абӯалӣ таҳсину офарин хонд. Подшоҳ дар дили худаш: «обло-таоло ба бандаҳояш аҷаб лутфу карам кардаст» гуфта ҳайрон шуда истода буд, ки Абӯалӣ омада, ба зиёфати боғи ибратнамо таклиф кард.

Аркони давлати подшоҳ ҷамъ шуда, сипоҳона қадам зада, ба он боғ дохил шуданд. Абӯалӣ сардорҳо бо яксаду бист ҳазор лашкар се шабонарӯз зиёфат кард. Барои ҳар як меҳмон ба худаш муносиб тӯҳфа ва ҳадьяҳои аҷоиб марҳамат карданд, ки таърифи он агар оби дарьёҳо сиёҳӣ шавад, ҳама чӯбҳо қалам шавад ҳам, навишта тамом карда намешавад.

Баъд аз ин зиёфатҳо Абӯалӣ ва дигар ҳукамо уламо ҳамаашон даст ба сина гузошта, бо иззати тамом аз подшоҳи шаҳри Сабо илтимос карданд, ки барои нури чашмашон – маликаи Ҳумоюнбонуро ба подшоҳи Бағдод тӯй карда додан розигӣ диҳад. Подшоҳи шаҳри Сабо низ қабул кард.

Дар шаҳри Бағдод ба тӯй тайёри дида шаҳрро оинабандӣ карданд. Чор шабонарӯз ба ҳамаи фуқарою фузало тӯю тамошо дода, ба ҳама инъом дода, ҳамаро хурсанд ва хуррам карданд.

Баъд аз тую хурсандиҳо подшоҳи шаҳри Саборо ба мамлакати худаш гуселонданд. Ҳама аскарҳо ва аркони давлат муносиби худ тӯҳфа ва ҳадьяҳо гирифта, хурраму хушнуд шуданд.

Подшоҳи Бағдод ба Ҳумоюнбону айшу ишрат карда, ба муроду мақсадаш расид.

## 28
## АЛҲАЗАР! АЛҲАЗАР!

Пешвоёни шариат Ибни Синоро шарманда кардан хосатанд. Ба ҳамин мақсад рӯзе онҳо яке аз мухлисони худашонро ба тобут андохтанд ва фарьёду вовайлокунон назди Ибни Сино бурда ба ӯ:

-Инро бинед, - гуфтанд.

Ибни Сино тобутро кушода шахси дар тобут хобидаро аввал ба пойҳояш нигарист, дид, ки пойҳои ӯ дарозу зонувонаш рост буданд. Баъд Ибни Сино пилки чашми ӯро кушода дид: дар гавҳараки чашм акси ҳеҷ чиз маълум намешуд. Сино баъд ба сӯи муршид - сардори муллоҳо нигоҳ карда гуфт:

-Дар ҳақиқат мурдааст, ба қабритсон баредаш.

Муллоҳо аз гапи Ибни Сино қоҳ-қоҳ зада хандиданд ва ба шаъни ӯ «ту қаллобӣ», «ту казобӣ» гӯён заҳри таънаву маломат пошиданд. Баъд аз ин муршид бо нӯги асояш ҷасади даруни тобутро нихта карда:

- Хез, худатро нишон деҳ, ки зиндаӣ, - гуфт.

Аз шахси даруни тобут садое намебаромад, осори ҳаёт зоҳир намекард.

Он мард аз ҳайбати тобут ва доду фарьёди ваҳмангези тобут барон тарсида, кайҳо мурда буд.

Ибни Сино ба чашмони муршид боғазаб назар андохт ва гуфт:

- Шариатпаноҳо! Дурӯғ гуфтан ва қаллоби суфтан аз маърифати ҳаюлоӣ набувад. Ин пеша хоси табиати шумо ва шумо барин касон аст, ки

ҷумлагӣ бо ҳамин роҳ айшу зиндагӣ мекунед. Алҳазар! Алҳазар аз ин гуна айшу аз ин гуна зиндагӣ.

29

## ТАБОБАТИ ДАРДИ ЧАШМ

Чашмони подшоҳ сахт дард мекунад. Подшоҳ илоҷи аз ин касалӣ халос шуданро ёфта наметавонист. Ниҳоят мешунавад, ки дар кадом як гӯшаи шаҳри Бухоро Ибни Сино ном ҳакиме зиндагӣ мекунад. Бо амри подшоҳ Ибни Синоро ба дарбор гирифта меоранд. Ибни Сино ба назди подшоҳ даромада, ба рӯи ӯ менигарад ва ба набзи ӯро месанҷаду дарҳол мегӯяд:

- Подшоҳам, дар шиками шумо ҳомила пайдо шудааст ва дарди чашмонатон ҳам аз ҳамин сабаб аст.

- А? Чӣ? Ин шармандагӣ – ку? Акнун чӣ мешавад? Илоҷаш чӣ? – мепурсад подшоҳ дар таҳлука афтода.

- Илоҷаш дар дасти худи шумо аст, - ҷавоб медиҳад Ибни Сино.

Подшоҳ дар назди Ибни Сино ба илтиҷо медарояд ва ба ӯ таввало мекунад:

-Илтимос, - зудтар бигӯед.

-Илоҷаш ҳамин, ки муддати ду ҳафта шумо шикаматонро бо ҳар ду дастатон молиш медиҳед. Молидан ки гирифтед, ҷанин дар шикаматон об шуда, нест мешавад. Баъд аз ду ҳафта ман боз омада шуморо мебинам, - мегӯяд Ибни Сино ва бо подшоҳ хайрухуш карда, аз назди ӯ баромада меравад.

Подшоҳ дар давоми ду ҳафта шикамашро  дудаста беист мемолад ва мебинад, ки дарди чашмонаш оҳиста-оҳиста барҳам мехӯрад.

Ибни Сино мувофиқи ваъдааш пас аз ду ҳафта ба пеши подшоҳ омада, ба чашмони ӯ менигараду мегӯяд:

-Ҳазратам! Шумо акнун сиҳат шудаед. Чашмонатон дар натиҷаи бисьёр даст расониду бисьёр молидани худи шумо дард карда буданд. Барои он, ки ин корро дигар такрор накунед ва аз ин дард халосӣ ёбед, ман дастони шуморо бо молидани шикаматон банду андармон кардам.

30

## САНҶИШ

Ибни Сино бо зиракии беандозаи худ шӯҳрат пайдо карда буд. Рӯзе барои ин хислати Ибни Синоро санҷидан дӯстонаш ӯро ба меҳмонӣ даъват карданд. Баъди зиёфату  сӯҳбат Ибни Сино  барои ба хонааш баргаштан иҷозат гирифта, ба даҳлез баромад. Вай дар даҳлез баробари ҳарду пои кафшашро пӯшидан як ба боло ва як ба поён нигоҳ карду бо тааҷуб китф дарҳам кашид. Дӯстонаш пурсиданд:

-Маънои тааҷуби шумо чист?

-Ё қади ман баланд шудааст ва ё шифти хона поин фаромадааст, - ҷавоб дод Ибни Сино.

- Ба мо маълум нест-ку? – пурсиданд боз дӯстонаш.

Ибни Сино гуфт:

-Он қадар не, фақат ба андозаи як қабат дока.

Дӯстонаш ба Ибни Сино таҳсин хонданд ва гуфтанд:

-Мо ҳангоми ба хона даромада нишастанатон ба зери патаки кафшатон як қабат дока гузошта будем, то ки шуморо бисанҷем. Офарин ба шумо, ки бо ақлу заковати худ моро ин дафъа ҳам ба ҳайрат овардед.

31

## ТИФЛИ ЗИРАК

Нақл мекунанд, ки ин воқеа дар айёми туфулияти Абӯалӣ ибни Сино рӯй дода будааст. Як рӯз, вақте ки Абӯалӣ ибни Сино дар гаҳвора бо рӯи кушода мехобидааст, модараш ангуштарини тиллоиашро гум кардааст. Вай аз канизаки хонаи худ бадгумон шуда, ӯро ба дошному маломат зери зарби калтак гирифтааст. Ҳар дафъа, ки модар канизакро мезадааст, тифл беқарор мешудааст ва бо овози баланд гирья мекардааст.

Аз байн якчанд вақт гузаштааст. Дар ин муддат Абӯалӣ ибни Сино роҳравак шуда, забон баровардааст. Як бегоҳ вай ба модараш, ки дар хона ҳамроҳаш рӯ ба рӯ нишаста будааст, гуфтааст:

- Очаҷон, дар вақти гаҳворагӣ будани ман шумо ангуштаринатонро гум карда будед ва гумон доштед, ки ин кори канизак аст. Бо ин гумони бад ҳар гоҳ, ки шумо канизаки бечораро азоб медодед, ман ноором мешудам ва дод зада гриья мекардам. Забон надоштам, ки аёнро ба шумо баён кунам. Канизак бегуноҳ аст ва ангуштарини шуморо ӯ нагирифтааст. Ҳақиқати ҳол ин тавр мебошад: рӯзе ман дар гаҳвора бо рӯи кушода мехобидам, ки шумо дар назди обрез даст мешустед. Худи ҳамон вақт ангуштарин аз дастатон баромада ба обрез афтода буд. Аммо шумо аз воқеа хабар надоштед ва баъд аз он, ки бохабар шудед, ба канизак дарафтодед ва ӯро ноҳақ гунаҳкор кардед.

Модар аз суханони кӯдакаш ҳайрон мондааст ва ба хизматгор фармудааст, ки ӯ лои обрезро берун кунад.

Хизматгор ин амрро фавран ба ҷо овардааст. Баъд модар лойро аз ғирбол гузаронидааст ва ангуштаринашро дарьёфт кардааст.

Аз ҳамон рӯз эътиборан падару модар ба фарзандашон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекардаги ба таълиму тарбияи ӯ озим гаштаанд.